آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

7 феврали соли 2024 Чоршанбе № 11 (15022)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ЧОРАБИНИҲО ОИД БА РУШДИ СОҲАИ ЭЛЕКТРОМОБИЛҲО ТАҚДИМ ГАРДИДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев 6 феврал бо тақдимоти чорабиниҳо оид ба вусъат додани истеҳсоли электромобилҳо шинос гардид.

Мамлакатамон дар заминаи автомобилсозӣ соҳиби таҷрибаи калон ва инфрасохтори ногузир мебошад. Ҳоло 8 корхона даҳҳо намуди автомобил, нақлиёти мусофиркаш ва боркаш, техникаи хоҷагии қишлоқ ва махсусро истеҳсол менамояд. Боз дар бештар аз 2 ҳазор корхона дар асоси ҳамкорӣ қисмҳои эҳтиётӣ ва пурракунанда истеҳсол мегарданд.

Дар ҷамъомаде, ки моҳи декабри соли гузашта ба вуқӯъ пайваста буд, роҳбари давлат таъкид карда буд, ки электромобилҳо ба ҳаётамон хеле босуръат дохил мегарданд ва супориш дод, ки ин соҳа аз худ карда шавад. Зимни ташрифи давлатии худ ба Чин моҳи январи соли ҷорӣ Президент аз қароргоҳи ширкати «BYD» боздид ба амал овард. Якҷоя бо ин ширкат дар вилояти Ҷиззах лоиҳаи ҷамъоварии автомобилҳои омехта ва электрикӣ роҳандозӣ гардид. Дар мулоқот бо роҳбари ин ширкат дар бобати то 500 ҳазор воҳид расондани иқтидори истеҳсолӣ дар ояндаи наздик тавсиёти афкор ба вуқӯъ пайваст.

Аз вуҷуд доштани эҳтиёҷ барои кор дар самти мазкур он чиз гувоҳӣ медиҳад, ки дар се соли охир фурӯши электромобилҳо дар Ӯзбекистон 10 баробар афзуда, соли 2023 35 фоизи содиротро автомобилҳои электрикӣ ва омехта ташкил намуд.

Бинобар ин ба шахсони масъул дар бобати вусъат додани нақшаҳои қаблан дар соҳаи электромобил муайяншуда ва тезондани татбиқи лоиҳаҳо супоришҳо дода шуд. Ногузирии роҳандозии маҳаллисозии қисмҳои пурракунандаи электромобилҳо бо ҷалб намудани шарикони «BYD» таъкид шуд.

То он ки дар ин соҳаи нав қобили рақобат бошем, пеш аз ҳама инновасия ва технологияи пешқадам зарур мебошад. Аз ин боис, вазифаи ба вуҷуд овардани низоми ҳамгарой, ки Донишкадаи политехникии Турин, марказҳои муҳандисӣ, донишкадаҳои илмӣ ва лабораторияҳоро алоқаманд созанд, гузошта шуд.

Инчунин бо рушд намудани ин соҳа эҳтиёҷ ба мутахассисон ва коргарон меафзояд. Дар се соли наздик ин талаб метавонад то 10 ҳазор нафар расад. Бинобар ин ба ногузирии аз ҳозир оғоз намудани тарбияи кадрҳои баландмалака ишора гардид.

Дар бораи таҳияи барномаи рушди шабакаи шохобҳои қувватдиҳии электромобилҳо қарор қабул гардид.

ЎзА.

ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ ТАЪЛИМ – ТАЛАБИ ДАВР

Дар маҷлисе, ки 5 феврал зери раисии Президент Шавкат Мирзиёев баргузор гардид, ба вазифаҳои афзалиятноке, ки дар соҳаҳои таълим, тандурустӣ, рақамисозӣ, маданият ва варзиш бояд татбиқ гарданд, эътибори алоҳида нигаронда шуд. Хато ва камбудиҳое, ки дар ин самтҳо роҳ дода шудаанд, зери танқиди ҷиддӣ гирифта шуданд.

Таъкид шуда буд, ки сарфи назар аз маблағи зиёде, ки барои рушди низоми таълим ҷудо карда мешавад (барои мисол, соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст, ки барои мактаб ва таълими томактабӣ 46 триллион сӯм ҷудо карда мешавад), нишондодҳои сифат ҳанӯз ғайриқаноатбахш боқӣ мемонанд. Инро натиҷаи барномаи байналхалқии PISA соли 2022 оид ба математика, хониш ва фанҳои табиӣ нишон дод. Дар ҳафт соли гузашта ба соҳаи илмиву инноватсионӣ беш аз 6 триллион сӯм равон карда шудааст, аммо формулаи «харҷ – тадқиқот – маҳсул» кор намекунад.

Роҳбари давлат масъала ва мушкилоти дарднокро ба миён гузошт. Ҳоло ҷамъиятамон ба ислоҳоти воқеӣ дар низоми таълим зарурати зиёд эҳсос менамояд.

Такомули ҷараёни таълим дар Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» низ қайд гаштааст, ки он аз ҷониби роҳбари давлат 11 сентябри соли 2023 ба Чин моҳи январи соли ҷорӣ Президент аз қароргоҳи ширкати «BYD» боздид ба амал овард. Якҷоя бо ин ширкат дар вилояти Ҷиззах лоиҳаи ҷамъоварии автомобилҳои омехта ва электрикӣ роҳандозӣ гардид. Дар мулоқот бо роҳбари ин ширкат дар бобати то 500 ҳазор воҳид расондани иқтидори истеҳсолӣ дар ояндаи наздик тавсиёти афкор ба вуқӯъ пайваст.

Аз вуҷуд доштани эҳтиёҷ барои кор дар самти мазкур он чиз гувоҳӣ медиҳад, ки дар се соли охир фурӯши электромобилҳо дар Ӯзбекистон 10 баробар афзуда, соли 2023 35 фоизи содиротро автомобилҳои электрикӣ ва омехта ташкил намуд.

Бинобар ин ба шахсони масъул дар бобати вусъат додани нақшаҳои қаблан дар соҳаи электромобил муайяншуда ва тезондани татбиқи лоиҳаҳо супоришҳо дода шуд. Ногузирии роҳандозии маҳаллисозии қисмҳои пурракунандаи электромобилҳо бо ҷалб намудани шарикони «BYD» таъкид шуд.

То он ки дар ин соҳаи нав қобили рақобат бошем, пеш аз ҳама инновасия ва технологияи пешқадам зарур мебошад. Аз ин боис, вазифаи ба вуҷуд овардани низоми ҳамгарой, ки Донишкадаи политехникии Турин, марказҳои муҳандисӣ, донишкадаҳои илмӣ ва лабораторияҳоро алоқаманд созанд, гузошта шуд.

Инчунин бо рушд намудани ин соҳа эҳтиёҷ ба мутахассисон ва коргарон меафзояд. Дар се соли наздик ин талаб метавонад то 10 ҳазор нафар расад. Бинобар ин ба ногузирии аз ҳозир оғоз намудани тарбияи кадрҳои баландмалака ишора гардид.

Дар бораи таҳияи барномаи рушди шабакаи шохобҳои қувватдиҳии электромобилҳо қарор қабул гардид.

ЎзА.

МАСЪАЛАИ ҶАВОНОН ҲАМЕША ДАР ЭЪТИБОР

Дар вилояти Сурхондарё барои ҷойи муносиб ёфтани ҷавонон дар ҳаёт, дастгирии ҳаматарафаи онҳо, сафарбаркунӣ ба касбомӯзӣ ва таъмин бо кор, инчунин рағбатмандкунии ташаббуси онҳо эътибори калон медиҳанд. Имрӯзҳо ҷавонони воҳа дар соҳаҳои гуногун истеъдоди худро намоён мекунанд.

Аз 733 ҳазор ҷавонони синни 14-30 солаи вилоят 33 ҳазору 170 нафарашон ба «Дафтари ҷавонон» дохил гардида, ба 27 ҳазору 502 нафари онҳо ёрии амалӣ расонда шудааст.

Шаҳрванди маҳаллаи Олтинвоҳаи ноҳияи Шеробод Шаҳноза Кӯчарова аз ҷавононест, ки бо кумаки «Дафтари ҷавонон» соҳибкориро пеша намуд. Ӯ таваccути субсидия мошини дарздӯзӣ харид ва дар бинои маҳалла маҳфил ташкил намуда, 100 нафар ҷавононро ба ҳунаромӯзӣ даъват кард. Алҳол Шаҳноза дар Донишкадаи муҳандисӣ-технологии шаҳри Тирмиз таҳсил мегирад ва бо баробари ин дар хобгоҳи талабагон ба 60 нафар духтарони донишҷӯй низ касби дӯзандагӣ меомӯзад.

***Дар сурат: Шаҳноза Кӯчарова** ба донишҷӯдухтарон асрори касби дӯзандагӣ меомӯзад.*

Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).

Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Навбаҳор”-и ноҳияи Бағдод бинои кӯдакистони нав мавриди баҳрабардорӣ дода шуд. Бино бо тарҳи нав сохта шуда, барои 120 нафар кӯдак муқаррар шудааст.

БИНОҲОИ НАВИ ЗАМОНАВӢ БА ИСТИФОДА ДОДА ШУД

Қобили зикр аст, ки ин бино берун аз маблағи сармоягузорӣ дар ивази панҷуним миллиард сӯм аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ ва падару модарон бунёд ёфтааст. Дар деҳаи Ирголии ноҳия бошад, мактаби нави гунҷоишаш 330 ҷойи нишаст ба истифода дода шуд.

Дар маросими ба истифодасупории ин ду муассисаи таълимӣ мушовири раисиҷумҳур Шуҳрат Ғаниев ва ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров ширкат карданд.

Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири “Овози тоҷик”.

Вилояти ФАРҒОНА.

Анҷумани матбуотӣ

САЙЁҲИИ ЭТНОГРАФӢ БАРПО МЕГАРДАД

Дар Бухоро оид ба барпо намудани парки сайёҳии этнографӣ анҷумани матбуотӣ баргузор гардид.

Ҳокими вилоят Ботир Зарифов дар бораи бунёдкориҳои васеъмиқёси вилоят, азму кушишҳо бобати афзун гардондани даромади миллӣ, таъмин намудани фаровонии онҳо бо факту рақамҳои зиёд маълумот дод.

– Оё ин комёбиҳо моро қаноат мекунонанд? – пурсид вай ва худ ҷавоб дод:

Албатта не, имрӯз бисёр ҳамдиёронамон барои кор ба муҳоҷират рафтаанд. Агар онҳоро ба зодгоҳашон баргардонем, оё бо кор таъмин карда метавонем? Бо кадом роҳ талаботи моддии оилаҳои эшонро қонеъ гардонда метавонем? Барои ин ташаббус ва лоиҳаҳои сердаромад лозим. Бешубҳа, дар ин бора имконият дорем. Масалан, бо роҳи сайёҳӣ, такмил додани инфрасохтори он дилпурона ба ин ҳадаф расида метавонем, – гуфт ҳокими вилоят.

Ҳоло шумораи меҳмонхонаҳо дар вилоят панҷ баробар афзуда, ба 541-то расидааст. Ҷогаҳи меҳмонон низ ба 14 ҳазор расида, 4 баробар зиёд шудааст. Ҳамин тариқ дар аэропорти байналмилалии Бухоро парвози самолётҳо ҳафт-ҳашт баробар афзоиш ёфтааст. Имрӯз ба ғайр аз Туркия ва Русия ба Фаронса, Англия, Швейтсария, Венгрия, Ҷопон, Исроил, Покистон, Арабистони Саудӣ, АМА, Қатар, Малта, Озарбойҷон, Белорусия, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон парвозҳо ба амал меоянд. Ҳаракати қатораи «Афросиёб» ду баробар афзуд. Оқибат ҷойи корӣ ба ҷойи 3,5 ҳазор нафари 7 сол муқаддам ҳоло ба 52 ҳазор нафар (қариб 15 баробар) рост меояд.

Бинобар талаботи рӯзафзун лоиҳаи «Парки таърихию этнографии Бухорои боқӣ» таҳия ёфт.

Сипас, таркиби лоиҳа, боғу иморатҳо, объектҳои дохили он пурра маънидод карда шуд.

А. АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

Ба ин конфронс, ки дар шаҳри Самарқанд сурат хоҳад гирифт, Ӯзбекистон дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ИДМ бори аввал мизбонӣ мекунад. Конфронс аз рӯи шумори худ ҷаласаи 14-уми Конвенсия оид ба ҳифзи намудҳои муҳоҷирати ҳайвоноти ваҳшӣ (CMS COP14) мебошад.

КОНФРОНСИ СММ ДАР САМАРҚАНД БАРГУЗОР МЕГАРДАД

Конвенсияи CMS соли 1979 дар Бонн (Олмон) ба имзо расида, соли 1983 эътибор пайдо кардааст. Ӯзбекистон Конвенсияро 1 сентябри соли 1998 ба тасвиб расонидааст.

Маълум шуд, ки конвенсия як қатор давлатҳоеро гирдиҳам хондааст, ки ҳайвонҳои муҳоҷир аз он мегузаранд.

Моҳи августи соли ҷорӣ Ҳукумати Ӯзбекистон ва Котиботи CMS шиор ва логотипи расмии чорабинӣ бо тасвири бабри барфӣ ва бо нақшу нигореро тасдиқ кардаанд, ки сафолҳои машҳури кабудранги Осиёи Марказиро хотиррасон мекунанд. Бабри барфӣ яке аз намудҳои ҳайвоноти Ӯзбекистон буда, паҳншавии он дар 12 кишвари ҷаҳон низ ба қайд гирифта шудааст. Гурбаи бузурги тавоно ва дастнорас низ рамзи афсонавии Самарқанд аст. Он дар даромадгоҳи боҳашамати мадрасаи таърихии Шердор ва пулҳои миллии Ӯзбекистон акси худро ёфтааст.

Конфронси Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Самарқанд таҳти шиори «Табиат сарҳад надорад» баргузор мешавад, ки дар баробари нишони ин чорабинӣ аз он ёдоварӣ мекунад, ки сафарҳои намудҳои ҳайвоноти муҳоҷир марзҳои сиёсиро эътироф намекунанд ва зинда мондани онҳо ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва талошҳои фаромарзӣ аз рӯи ҳифзи гуногунии биологӣ хеле вобаста мебошад.

Ифтитоҳи логотип ва нишона барои CMS COP14, ё як нишасти муҳими байналмилалӣ, ки дар он ҳукуматҳо, олимон ва ҷонибҳои манфиатдор барои мувофиқа кардани стратегияҳои ҳифзи намудҳои муҳоҷир ва макони зисти онҳо ҷамъ меоянд, заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Конфронс аввалин ҷамъомади глобалӣ оид ба гуногунии биологӣ аз давраи қабули гуногунии биологии Кунминг-Монреал (GBF) дар соли 2022 хоҳад буд. Дар конфронс доираи васеи афзалиятҳои муҳими ҳифзи табиат ва ташаббусҳои нав, аз ҷумла бисёре аз онҳо, ки татбиқи GBF-ро дастгирӣ мекунанд, баррасӣ хоҳанд шуд.

Ҷаласаи байналмилалӣ дар се сол як бор ба вуқӯъ мепайвандад ва ба ҳифзи муҳити зист, барқарорсозӣ, инчунин таҳдидҳо ба истисмори аз ҳад зиёд, аз даст додани макони зист ва тақсимшавӣ, ифлосшавӣ ва тағйирёбии иқлим ба таври шадид таъкид хоҳад кард. Дар ин чорабинӣ директори иҷроияи Барномаи муҳити зисти СММ И.Андерсен, директори генералии Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат Г. Агилар, раис ва директори генералии Фонди глобалии экологӣ К.Родригес, вазирони муҳити зисти мамлакатҳои иштироккунандаи конвенсия, роҳбарони котиботи созишномаҳои байналхалқӣ оид ба табиат ва доираҳои пешқадами илмӣ дар назар аст.

Чорабиниҳо ва воҳӯриҳои марбут ба COP14, аз қабили нишасти 54-уми Кумитаи доимии CMS, Бахши сатҳи баланд ва Шаби қаҳрамонҳои намудҳои муҳоҷират 11 феврал баргузор мешаванд.

Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири “Овози тоҷик”.

УСУЛИ НАВИ РӮЙПӮШ НАМУДАНИ ҶӮЙБОРҲО

Дар вилояти Қашқадарё усулҳои нави бидуни талафот расонидани обро ба қитъаҳои замини кишт дар амал татбиқ мекунанд.

Бетонпӯш сохтани ҷӯйборҳо ва наҳру каналҳое, ки обро ба самти киштзорон интиқол медиҳанд, яке аз чунин корҳои муфид ба шумор мерафт. Аммо тибқи супориши раҳбари давлат таҷрибаи кишварҳои пешқадам ҳам омӯхта шудаву роҳҳои боз ҳам самарабахши он ҷустуҷӯ мегарданд. Маълум гардид, ки рӯйпӯш намудани ҷӯйборҳо бо бетон як усули маъмулии сарфаи об буда, кишварҳои пешқадами ҷаҳон усулҳои боз ҳам фоидабахшеро ба кор мегиранд.

Як ширкати Британиёи Кабир бо номи «United Concrete Canvas» композити геосинтетикии бетонро пешниҳод сохт, ки назар ба рӯйпӯши бетонии маъмулӣ зичии мустаҳкам дошта, ба ҳар гуна таъсири беруна, аз ҷумла нурҳои ултрабунафши офтоб тобовар ҳастанд. Ин як навъи маводи сабукваз-нест, ки дар ҷӯйбору наҳрҳои об зуд ва бидуни харҷоти зиёд насб мешавад. Ҳаммуассиси ин ширкат Иэн Вудкок зимни муаррифии маҳсулоти коргоҳаш дар ҷамъи мутахассисони соҳаи ирригатсия гуфт, ахиран тавофуқ ба даст омад, ки дар навбати аввал маҳсулоти тайёри корхонаро дар вилояти Қашқадарё истифода мекунанд ва минбаъд истеҳсоли онро дар худи вилоят ба роҳ хоҳанд монд.

Шариф ХАЛИЛ, хабарнигори “Овози тоҷик” дар вилояти Қашқадарё.

ХАБАРҲО

ЭСКАЛАТОРҲОИ МЕТРО НАВ МЕШАВАНД

Хидматрасонӣ дар метрополитени Тошканд торафт хушсифат мешавад. Поездҳои куҳнаро поездҳои нав иваз мекунанд. Ҷуз ин муттасил корҳои таъмиру тармим пеш бурда шуда, «қасрҳои зеризамини»-и пойтахт барҳаво ва хушнамудтар мегарданд.

Қобили таваҷҷуҳ боз он, ки дар ин ин гуна корҳо мутахассисони хоричӣ дасти ёрӣ дароз мекунанд ва ҳамкориҳо самара мебахшанд.

Навбати иваз кардани эскалаторҳои истгоҳҳои ҷудогона низ расидааст. Қисме аз онҳо аллакай куҳна шудаанд.

Дар қисми аввали корҳое, ки ба нақша дароварда шудаанд, эскалаторҳои пештара дар истгоҳи «Дӯстии халқҳо» ба навъҳои замонавиашон иваз карда мешаванд. Бинобар ҳамин лоббие, ки мусофиронро ба маҷмӯи Tashkent city мебарорад, аз 10 феврал то 20 феврал пӯшида мешавад. Лоббие, ки ба қасри «Дӯстии халқҳо» мебарорад, чун пештара кор мекунад.

ВОРИДШАВӢ БА СОХТОРИ НАВИ ТАЪЛИМ

Аз соли хониши 2024-2025 дар техникумҳои мамлакат бо мақсади таъмини пайвастагии ҷузъҳои таълимии «Академик» ва «Касби коргарӣ» сохтори нав ба роҳ гузошта мешавад.

Мувофиқи он барномаҳои таълимии курсҳои якуму дувум дар коллеҷ-техникумҳо, китобҳои дарсӣ, мизонҳои баҳогузорӣ ба дониш ва талабот ба муаллимон ба муассисаҳои таълими олӣ як хел хоҳад гашт. Дар техникумҳо низ «Сохтори кредитӣ» ҷорӣ мегардад. Яъне хонандагоне, ки тӯли ду сол дар коллеҷ-техникумҳо «кредит»-и кофӣ ғун кардаанд, дар асоси барномаҳои «2+2» ё худ «2+3» имкон пайдо мекунанд дар курсҳои дувум ва сеюми бакалавриат таълимро давом диҳанд.

РОБИТАҲОИ МОБИЛӢ ДАР ҲАЁТИ МО

Ҳаёти имрӯзамонро бе телефони мобилӣ тасаввур кардан душвор. Рақамҳо гувоҳӣ медиҳанд сафи онҳое, ки ба робитаи мобилӣ таъминанд, торафт меафзояд.

Чунончи, соли гузашта дар Ӯзбекистон адади робитаҳои мобилӣ 30,9 миллион нафар бошад, ин рақам аллакай 34 миллион дакка хӯрд. Аз ҷумла, 28,8 миллион нафар сокинони диёрамон абоненти робитаҳои мобилианд. Бо ифодаи дигар, аз ҳар 100 нафар аҳолӣ 79 нафар ба робитаҳои мобилӣ таъмин аст. Дар ин бора Агентии статистика хабар додааст.

М. ШОДИЕВ,
мухбири
«Овози тоҷик».

Солҳои пеш қисми зиёди муроҷиати шаҳрвандон новобаста аз он ки ба кадом идора, ташкилот ё корхонаву коргоҳ марбут буд, ҳалли худро намеёфт. Ё худ барои муроҷиат ва ҳаллу фасли онҳо бисёр вақт, ҳатто солҳо сарф мегардид. Ҳоло бошад, бинобар ғояи неки Президент Шавкат Мирзиёев «Халқ ба мақомоти давлатӣ не, балки мақомоти давлатӣ бояд ба халқ хидмат намоянд» масъала ранги дигар гирифтааст.

ЯГОН МУРОҶИАТИ АҲОЛӢ БЕЭЪТИБОР НАМЕМОНАД

Дар вилояти Сирдарё гузаронидани қабули сайёр ба ҳукми анъана даромадааст. Мардуми вилоят пешакӣ огоҳ карда мешаванд ва ҳоким бо раҳбарони мутасаддии вилоят ба маҳаллаҳо ташриф фармуда, тавассути ин қабул муаммоҳои маҳалла омӯхта шуда ва дар доираи имкон муаммоҳо ҳал карда мешавад.

Чунин қабули сайёр бо ташаббуси ҳокими вилоят Акмалҷон Маҳмудалиев дар бинои «Маркази ҷавонон» баргузор гашт. Дар ҷараёни қабул 50 нафар шаҳрванд бо 65 масъала муроҷиат намуданд. Қисми асосии муаммоҳои онҳо мисли ҳарвақта оид ба кумакпулӣ, нафақа, хонаву ҷой, вомҳои имтиёзнок, таъминоти газу барқ, мумфарш кардани роҳ, замини наздиҳавлӣ, ҳифзи саломатӣ алоқаманд буд. Аз масъалаҳои ба миён гузошташуда 22 тояш дар ҷояш ҳал карда шуд. Дар қабули сайёр соҳибкор аз шаҳри Гулистон Баҳодур Шодмонов ба ҳокими вилоят барои гирифтани воми имтиёзнок муроҷиат кард. Роҳбари сектор ба дӯши мутасаддиён барои ҳалли муроҷиати ӯ вазифаҳо гузошт. Сокинони маҳаллаи шаҳр Азиза Маҳмудова ва Фарзона Абдусаломова бо арзи ба кор таъмин шудан муроҷиат кард. Муроҷиати ҳар ду дар ҷояш ҳаллу фасл гардид.

Оре, ҳоло ягон муроҷиати аҳолӣ беэътибор намемонад. Чунон ки дар қабулҳои сайёр қисми зиёди муроҷиатҳо ҳалли худро ёфтанд.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти СИРДАРЁ.

Дар ноҳияи Шофиркон гурӯҳи мутахассисон бо сарварии ичрокунандаи вазифаи директори Маркази илмии ёрии таъҷилии ҷумҳурӣ М. Рачабов чорабиниҳои аз назорати тиббӣ гузаронидан ва профилактикиро ба амал бароварданд.

Гурӯҳ фаъолияти худро аз омӯхтани фаъолияти шуъбаи реаниматсия ва ёрии таъҷилии «Emergecy departament»-и иттиҳодияи тиббиёти ноҳия оғоз намуд.

Баробарии расондани ёрии амалӣ-услубӣ ба мутахассисон боз 15 мутахассисони доираи маҳдуди марказ дар азназаргузаронии назорати чуқури тиббӣ иштирок карданд. Дар он қариб 200 нафар аҳолӣ иштирок намуданд. Чунин муоинаи чуқури тиббӣ дар тарғиби тарзи ҳаёти солим байни аҳолӣ, имкони саривақт муайян кардани амалиёти ҷарроҳӣ, пешгирии хавфи касалиҳои сироятӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои интегратсияи босамари байни мутахассисон ва баланд шудани боварии аҳолӣ ба муассисаҳои тиббӣ омили муҳим мебошад.

Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Бухоро.

ФАЗОИ СУЛҲУ ВАҲДАТ ВА РАФОҚАТ ҲАМЕША ҲУКМФАРМОСТ

– Ин беҳуда нест, – мегӯяд ҳокими ноҳияи Риштон Баҳодир Холиқов ва баъди сукути кӯтоҳ меафзояд: – Дар ноҳияи мо бештар аз 215 ҳазор аҳолӣ мавҷуд аст. Онҳоро ӯзбекон, тоҷикҳо, қирғизҳо, русҳо, тоторҳо, корейсҳо ва дигар миллатҳои дигар ташкил медиҳанд. Аммо аз рӯи нуфус дар ноҳияи мо баъди ӯзбекон намояндагони миллати тоҷик дар ҷойи дувум қарор доранд. Хушбахтона, ҳамаи миллатҳои маскуни он машғули зиндагии тинҷу осуда мебошанд ва дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ вакилони онҳо кор мекунанд.

Ба гуфтаи Баҳодир Холиқов дар баъзе ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳо аксарияти бошандагонашро тоҷикон ташкил медиҳанд. Ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои Даҳбед, Қалъаи нав, Чинигарон, Алишери Навоӣ, Доруламон, Номгар, Абдуллобоён, Хуррамобод, Марказ, Маҳмадалӣ Топиволдиев, Мискин, Ар-Рошидонӣ, Деҳқонобод, Навбаҳор, Қошқарён, Сӯхобод, Тошоғолиқ, Минор, Соҳибкор, Хӯҷа Илғор, Қозӣ Аҳрор, Зарариқ аз ҳамин шумор мебошанд.

– Ана ҳамин маълумотҳо шаҳодат медиҳанд, ки намояндагони ҳамаи миллатҳои ноҳияи мо бо ҳамдигар дар фазои дӯстиву рафоқат ба сар мебаранд ва дар гул-гулшукуфии мамлакати азизамон пурсамар меҳнат кардаву дар болоравии иқтисодиёташ саҳми арзандаи хешро мегузоранд, – мегӯяд ҳоким.

Қаламрави ноҳия аз рӯйи табиати худ асосан аз ҳамвориҳо иборат аст. Дар он баъзе намудҳои захираҳои маъдани фоиданок, нафту газ мавҷуд мебошад ва солҳост, ки ин захираҳо истихроҷ карда мешаванд.

Мӯйсафедони риштонӣ мегӯянд, хоку гили он дар ягон минтақаи дигари вилояти Фарғона мавҷуд нест. Барои ҳамин мардуми шаҳристони Риштон аз замонҳои пеш ба ин сӯ ба ҳунари кулолгарӣ машғуланд. Хусусан, дар солҳои касби истиқлолияти Ватани азиз риштониён бо ҷаҳду талоши беш аз пеш ба истеҳсоли маҳсулоти сафолин пардохтанд. Ҳоло ин маҳсулот дар дӯкону фурӯшгоҳҳои як қатор мамлакатҳои дунё ба маърази харидорон гузошта шудааст ва маҳз аз ҳамин ҳисоб кулолгарони Риштон соҳиби даромади бештар мешаванд.

– Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Даҳбед 2 ҳазору 25 нафар аҳолӣ дорад. Аксарияти онҳо дар хонаҳои бисёрошёнаи 2-3-4 қабатӣ ва қисме аз онҳо дар ҳавлиҳо зиндагӣ мекунанд. Дар қаламрави ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи мо танҳо як муассисаи таълими томактабӣ фаъолият мекунад, ки барои 210 кӯдак муқаррар шудааст. Ин муассиса тайи фаъолияти худ дар таълиму тарбияи кӯдакони то 5-6-солаи ҷамоати маҳалла нақши муассир мебозад. Як ташкилоти «Тозаҳудуд» низ дар хидмати мардуми мо қарор дорад,– мегӯяд раиси ин ҷамоат Музаффар Турсунов.

Тавре ки ҳамсуҳбати мо боз илова намуд, нозири минтақавии корҳои дохилӣ Авазҷон Мақсудов, масъули кор бо ҷавонон Билолиддин Гаффоров ва сенздаҳ нафар аъзои фаъоли ҷамоати маҳаллаи Даҳбед ҳамеша барои орому осоиши мардум, каммасраф баргузор кардани маросимҳо, ба роҳи дуруст ҳидоят намудан ва ба кор таъмин кардани ҷавонон, роҳандозии чорабиниҳои маънавию маърифатӣ ва амсоли он талошҳои зиёд ба харҷ медиҳанд.

– Ман дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қошқариён» ба дунё омадаам. Мактаби таҳсилоти умумии рақами 1-уми шаҳрро хатм намудаам. Вақти таҳсил дар Донишкадаи тиббии педиатрияи Осиёи Миёна (ҳоло ДТП шаҳри Тошканд) бо ҳамкурсам – Гулнорахон дил бастам. Вай аз вилояти Хоразм барои таҳсил ба Тошканд омада буд. Баъд ҳарду аҳду паймон намудем, ки дар шоҳроҳи ҳаёт низ ҳамроҳ қадам хоҳем зад. Ба издивоҷи ману ӯ падару модаронамон ҳамовозӣ карданд. Мо соҳиби наберву абераҳо шудаем, ки яке аз дигаре ширину дӯстдоштанӣ аст, – мегӯяд пизишки шифохонаи марказии ноҳияи Риштон Ийбатуллоҳ Саидов.

Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ар-Рошидонӣ» 2 ҳазору 501 нафар зиндагӣ мекунанд. Аксарияти онҳоро тоҷикону ӯзбекон ва қисми хеле ками онро намояндагони миллатҳои дигар ташкил менамоянд. Раиси ҷамоати шаҳрвандон Абдуҳаёт Ғуломов мегӯяд, нисбат ба солҳои пеш мардум ба қадри ҳаёти оромиву осуда бештар мерасанд, зеро ҳаводиси ноҳуш гуворе, ки дар баъзе кишварҳо ба вуқӯъ мепайвандаанд, садҳо ва ҳазорҳо одамонро аз хонаву ҷой маҳрум намудааст, наздиконашон қурбони ин ҷангу низоъҳо мешаванд.

– Хеле хуб аст, ки инро худи мардум дарк мекунанд ва талош менамоянд, ки дар маҳаллашон тинҷиву субот ҳукмрон бошад. Ҳамту не?

– Бечуну чаро. Агар одамон ба дарки чунин нараванд, аз эҳтимол дур нест, ки барои масъалаи ночиз бо ҳаку ҳамсоя ё шахсони дигар вориди низоъ шаванд. Шукр, ки дар мо ҳама дар фазои аҳливу тифоқӣ ба сар мебаранд.

– Дар робита бо баргузории маросимҳо чиҳо метавон гуфт?

– Дар байни мардуми мо маҳоле ҳаст, ки «Харҷи зиёдатӣ миён мешиканад». Барои ҳамин аксари одамон маросимҳои худро хеле камхарҷу масраф баргузор мекунанд. Агар дар бораи маросимҳои хурсандӣ гуфтанӣ бошам, бештари маросимҳо дар тарабхонаҳо бо ширкати маҳдуди одамон барпо мегарданд. Қисмати аъзами меҳмонон хешу таборони соҳиби кола мебошад.

– Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ар-Рошидонӣ» дар «Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат» анҷоми кадом корҳои наҷиб мадди назаранд?

– Мо пеш аз ҳама барӯйхатгирии ҷавонони маҳаллаамонро шурӯъ намудем ва он дар арафаи ба охир расидан мебошад. Тавассути рӯйхатгирӣ дақиқ хоҳем кард, ки чи теъдоди ҷавонон ба кор банд ҳастанд ва киҳо ба кумаки мо эҳтиёҷ доранд, ба киҳо барои пайдо кардани ҷойи кор маслиҳату машварат лозим аст,– мегӯяд Абдуҳаёт Ғуломов. Ба таъкиди ӯ Исмоилҷон Бобоев аз афроде ба шумор меравад, ки номи ӯро тамоми мардуми Риштон ба хубӣ ба забон меоранд. Вай солҳои дароз дар соҳаи тиҷорат фаъолият намудааст. Маҳз дар соли дастгирии ҷавонону бизнес Исмоилҷон Бобоеви нафақахӯр ва рӯзгордида бо машваратҳои худ ба мо кумак хоҳад кард, – изҳор намуд раиси «Ар-Рошидонӣ» Абдуҳаёт Ғуломов.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».
Вилояти ФАРҒОНА.

Қудратулло РАФИҚОВ, сиёсатшинос

ВОҚЕИЯТ ДАР ЎЗБЕКИСТОН ВА ТАЪСИРИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР РАВНАҚИ ОН

Ба дидгоҳи шахсӣ ва ҳисобу китобҳоям такя намуда, даври кӯтоҳи тараққиёти мустақилонаи Ӯзбекистонро мехоҳам ба се давра тақсим намоям: солҳои 1991-2000; 2000-2016; 2016-2030.

Давраи аввал солҳои 1991-2000-ро фаро гирифтааст

Баъде ИҶШС пош хӯрд, ба Ӯзбекистон ва дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ, барои он ки воқеияти геосиёсии давомкардаистодаро дарк намоянд, вақти муайяне лозим шуд. Оиди таъмини суверенитет ва амният зарур буд чораҳои таъхирнопазир андешида шаванд. Дар навбати аввал: аниқ сохтани ҳудудҳо; ҷорӣ кардани валютаи нав; аз нав ташкил намудани сохтори яклухти идоракунии давлатӣ; офаридани лашкари ҳудӣ ва сохтори Қувваҳои Мусаллаҳ; кор карда бароварданд модели нави рушди иқтисодӣ ва ба амал татбиқ сохтани он; гиперинфлятсия ва бартараф сохтани инқирози иқтисодии нақшаноки ИҶШС (зеро тамоми занҷирҳо байни нуқтаҳои истеҳсолии иқтисодиёти ягонаи шӯравӣ канда шуда буданд) барин масъалаҳои муҳим ҳалли ҳудро нигарон буд.

Аз ин боис ба қафо нигариста гуфтанамон мумкин, бо вуҷуди он ки дар ҷамъият ба ислоҳоти босуръат талаб ҷиддӣ буд, мисли Сингапур ё ҳуд Куриёи Ҷанубӣ рушди бошиддатро бе тайёрӣ пеш бурдан ё ба амал бароварданилоҷ надошт. Барои ин дигар хел будани «Бабрҳои Осиё» ва собиқ ҷамоҳири шӯравии Осиёи Марказиро бояд куллан дарк намуд. Ба фикри ман, дар ибтидои солҳои 1990 Ӯзбекистон, ки модели ба ҳуд хоси гузариш ба иқтисодиёти бозаргониро кор карда баровард, ба назар менамуд, ки роҳи мустақилонаи ҳудро хуб медонад. Назар ба омилҳое, ки ба чашм мерасиданд, имкониятҳои рушди босуръати мамлакатамон нисбат ба Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон, дар ин қатор аз Тоҷикистон, ки ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронд, хеле хубтар буд. Аз ин боис даҳсолаи аввали рушди мустақилонаро Ӯзбекистон бо натиҷаи беҳтарин дар минтақа ҷамъбаст намуд.

Дар ёд дорам, ба мо нафақат давлатҳои ҳамсоя бо ҳавас менигаристанд,балки роҳбарони Русия низ дар давраи гузариши рушд муваффақиятҳои Ӯзбекистонро чун мисол нишон медоданд.

Ба давраи дувум солҳои 2000-2016 дохил мешавад

Мутахассисон рушди индавраинаи Ӯзбекистонро ба сифати даври рукуди сиёсиву иқтисодӣ тавсиф менамоянд. Барои чӣ ин тавр шуд? Охир роҳи рушди дар давраи аввал муайяншуда барои даст ёфтан ба натиҷаҳои ҳуд умед мебахшид-ку. Ба назарам, ин саволи хеле вазнин ва дарднокест, ки дар доираи як мақола ба он ҷавоб ёфтан мушкил аст.

Умуман гирем, ба фикрам, ин савол ҷавоби якҷонибаро низ тақозо намекунад. Зеро дар ҳаёт, дар доираи маъно ва мавзӯи васеъ, дар ҳаёт ва таъриҳи як мамлакати алоҳида ҳеч чиз ҳуд аз ҳуд содир намешавад. Ҳар чиз сабабҳои объективиӣ субъективиӣ ва шарту шароитҳо дорад.

Дар ибтидои солҳои 2000-ум аксарият басо меҳнатдӯстӣ ва соҳибкории ба ҳуд хоси халқи моро ба ҳисоб гирифта, интизор буд Ӯзбекистон давлатҳои дигари Осиёи Миёнаро хеле қафо гузошта, бо суръат пеш меравад. Лекин тамоми дунё ба акси ин ҳолат гувоҳ гардид. Зеро дар Ӯзбекистон ислоҳоти кулл, ки ба таъмини равнақи суръатнок нигаронида шуда буд, истода монд. Бильакс, мамлакат танҳо баҳри нигоҳ доштани барқарории тараққиёти нисбии иқтисодӣ дар солҳои 90-ум ҷидду ҷаҳд намуду халос.

Аз ҳама ногувораш, як қатор қарорҳои номақбуле, ки қабул карда шуданд, ба куллан барбодёбии фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат мусоидат сохтанд. Аз ҷумла, октябри соли 2003 ойди моддаи VIII Низоми ББА (Бунёди байналхалқии асъор) барои бе ҳеч маҳдудият ҷорӣ сохтани амалиётҳои байналхалқӣ татбиқи амалии конвертатсияи асъор ўҳдадориҳо ичро нашуданд. Мамлакат батадриҷ ба дунёи беруна пӯшида шуд, сиёсати изолятсияи ҳудро пеш бурд, маҳдудиятҳои сахти сарҳадиву тиҷоратӣ ворид гашт. Дар заминаи ҳамин сармоягузорони хоричӣ, ки бо иштиёқи калон омада буданд, тиҷорати ҳудро ба давлатҳои ҳамсоя кӯчонданд. Дар хотирам, дар миёнаи солҳои 2000-ум яке аз қадрдонҳои баландмартабаи қазоқистониям бинобар он ки Ӯзбекистон ислоҳоти ҳудро суст карда, ба Қазоқистон кумак намуд ва ба он имкон дод ислоҳоташро равнақ дода, ба мамлакати иқтисодиёташ қудратнок дар минтақа табдил ёбад, «миннатдорӣ» баён намуда буд.

Чӣ илоҷ, факт факт мемонад: дар ин гуна шароит ӯзбекистониён комёбиҳои Чин, Малайзия ва ҳатто Қазоқистони ҳамсояро танҳо тамошо карда ва офарин хонда метавонистанд. Имрӯз ҷуз тасдиқ кардани қарорҳои таҳлилии аксар сиёсатмадор ва иқтисоддонҳо, ки мегуфтанд «Ӯзбекистон дар солҳои 2000-ум бо боздошти ҷараёни ислоҳот даври басо муҳими кутоҳро аз даст дод» имкони дигар намеёбам.

Барои он ки суханам беасос набошад, аз тадқиқоти хоричӣ як далел меоварам. 11 марти соли 2004 Гурӯҳи инқирози байналхалқӣ, ки қароргоҳаш Брюссел (International Crisis Group) мебошад, «Ноомади ислоҳот дар Ӯзбекистон: қадамҳои баъдина барои ҷомеаи байналхалқӣ» ном ҳисоботи таҳлилиро эълон намуд. Дар он гуфта мешуд мувофиқи маълумоти ББА, соли 2003 иқтисодиёти мамлакат танҳо 0,3 фоиз сабзид, маҳсулоти дохила ба ҳар сари аҳолӣ бошад, аз соли 1998 торафт паст шуда, дар соли 2003 ҳамагӣ 350 долларро ташкил намуд. Сармояи хоричӣ кам аст, мамлакат асосан аз ҳисоби ашёи хом, аз содири тилло ва пахта рӯз мегузаронад.

Дар ҳуҷҷат, айни замон, давом кардани вазъи рукуди иқтисодӣ, афзудани бекорӣ, паст шудани дараҷаи зиндагӣ, қашшоқона умр ба сар бурдани 80 фоизи аҳолӣ таъкид ёфтааст. Хулоса, экспертҳои хоричӣ бонг мезаданд Ӯзбекистон аз ислоҳоти муҳими оғозкардааш қафо мондааст. Айни замон онҳо: «Роҳи ягонаи раҳоӣ аз инқирози иқтисодӣ – ба амал бароварданиислоҳоти таркибии дарозмуддат», – гӯён таъкид месохтанд.

Дар ҳамон даврахо дар Ӯзбекистон одамонеро ёфтан душвор буд, ки ба ин гуна тавсияҳо гӯш андозанд. Ҳол он ки аз донистагии ҳуд намонда, мамлакатро аз ҳар гуна «таъсирҳо» ҳимоя сохтан, ҳатто дар ин бобат фикр ҳам кардан дар давраи ҷаҳонии ҳозира бемаънигист.

Рости гапро гӯям, имрӯз ман ҳатто вазъи вазнини танҳо 7 сол пештар мавҷударо ҳам ба ёд овардан намехоҳам: қиёфаи маъюси инсонҳои бадбахт дар ҷамъияти пӯшида, аз дунёи беруна ҷудомонии мамлакат, номуросоӣ ба давлатҳои ҳамсоя ва режими қатъии визавӣ, мамониатҳои савдо ва дар минтақаҳои наздисарҳадӣ ба туфайли минаҳо ҳалокшавии аҳолии маҳаллӣ, ҳатто набудани имконияти одӣ барои бурунмарзӣ... Кадоме аз онҳоро мегӯед?

Ба фикрам, ягон чиҳати дигар чун девору мамониатҳо табиати он даврро кушода надиҳад даркор. Нафақат биноҳои мақомоти давлатии марказӣ ва идораҳои маъмурии ҳудудӣ, идораҳои ҳуқуқу тартибот, балки биноҳои мақомоти маҳаллӣ, ки бо халқ ва байни халқ кор мекунад, бо панҷараҳои оҳанин иҳота шуда буданд. Ҳатто кӯчаҳои марказии шаҳри Тошканд бо монеъаҳои бетонӣ-филизӣ мавриди «ҳимоя» буданд. Айни замон дар сарҳадҳо байни ноҳия ва вилоятҳо нуқтаҳои назоратӣ, постҳои амнияти роҳ ва дигар хидматҳо барпо карда шуданд. Инро ба маънои ҳақ шубҳаи давлат аз ҷамъият, онро ҳамчун нисбати ҳудаш ба ҷои хавф диданаш баҳо додан мумкин.

Оё тасаввур карда метавонед, чӯпон ё деҳқони оддии сурхондарёӣ ё самарқандӣ то ба Тошканд ворид шуданаш чӣ қадар санҷишҳоро аз сар мегузаронд?! Ба тасвири ҳамаи ин қалам очиз. Ҷуз халқи ҳудро таҳқир кардан инро дигар чӣ гуфтан мумкин?

Ҳаминро низ гуфтаниам, нафақат онҳое, ки аз сиёсат норозианд, балки дудилаҳо ҳуш намеомаданд. Онҳоро таъқиб месохтанд (рӯйиҳатҳои сиёҳ бояд меваи ин гуна кайфият бошад) ё ҳуд аз сохтор бадар менамуданд. Чӣ қадар инсонҳои истеъдоднок, ғайратманд, зеҳнашон баланд дар кунҷе монда, ҳатто аз имконияти ҳидмат ба рушди диёри ҳуд маҳрум монданд.

Дар иқтисоди сиёсии классикӣ муносибат ва таъсири байнихудии категорияҳое чун базис ва настройка (болосохт) мавҷуд. Мувофиқи он дар ҷараёни модернизатзияи иқтисодиёт мамлакатҳо дар як вақт сохти сиёсии ҳудро тағйир дода, шарт аст демократияи онро таъмин созанд ва назди халқ ҳисоб диҳанд. Танҳо мулоҳоти конструктивӣ бо ҷамъият ба пешбари сиёсӣ имкон медиҳад самти дурусти пешравии оянданро дарёбад. Дигар, ин гуна пешбар оммаро, ки ғояҳои инноватсионишро фаро гирифтааст, ба ислоҳотгар табдил медиҳад. Имрӯз ба гузашта нигариста, ҳаминро таъкид кардан ҷоиз аст, ки он давр дар Ӯзбекистон ҳеҷ кадоме аз онҳо ба амал набаромада буд.

Шахсан ҳудам ба ягон материали муаллифи ӯзбек дучор наомадам, ки тараққиёти ҳамондавраи мамлакатамонро ҳарҷониба таҳлил карда бошад. Вале ба ман ҳамин низ аён аст, ки пештар дар ин гуна формат барои ҷараёнҳои марбут ба давлату ҷамъиятро баррасӣ намудан ҳатто имкон вуҷуд надошт...

Давраи сеюм аз соли 2016 давраи то соли 2030-ро дар бар мегирад

Даври кӯтоҳ баъди соли 2016 барои Ӯзбекистон аз воқеаҳои таъриҳӣ бой гардид. Агар гӯям, ки дар байни ҳашт сол дар мамлакат назар ба чаҳоряк асри гузашта корҳои зиёд ба анҷом расонда шуданд, асло муболиға намешавад. Баъзан ҳамин тавр ба назарам метобад, дигаргуниҳое, ки солҳои охир дар мамлакат рӯй доданд, моро он қадар саросема месозад, халқи мо ба дарки моҳияти давр ва нуқтаи гардиш фурсат наёфта мемонад!

Публитсист ва дипломати англис Генри Болингброк (1678-1751): «Таъриҳ фалсафаест, ки моро бо мисолҳо меомӯзонад» гуфта буд. Барои амиқ дарк сохтани ин ҳикмат, биёед, шаҳрванди одии Ӯзбекистонро тасаввур намоем, ки дар арафаи соли 2016 сайёраамонро тарк карда, имрӯзҳо ба ин ҷо баргашт-тааст.

Ба назарам, дар як муддати кӯтоҳ ин қадар дигаргуниҳои бузург дар ҳаёти сиёсиву иқтисодиро дида, ба ҳайрат афтоданаш аниқ.

Президенти нав масъалаи барқарорсозии боварии халқ нисбат ба ҳокимиятро яке аз вазифаҳои асосии ҳуд муайян намуд. Зеро бе ҷамъияти рушдёфта барпои давлати кудратнок аз имкон берун аст. Ҳар гуна ислоҳот бидуни иштироки халқ ба ҳалокат маҳкум аст. Ҷаҳонбинии одамонро дигаргун насохта дигаргунсозии ҷамъият низ амри муҳол.

Ба назарам, бинобар ҳамин Шавкат Миромонович ба озодии фикр ва сухан роҳ кушода, қарор кард, ки ин корро аз поён, аз байни халқи одӣ сар кунад. Ғайр аз ин Президент бо мақсади барқарорнамоии робитаи қариб куллан нестшуда байни давлат ва халқ ба сохтори Қабулхонаҳои халқ асос гузошт ва водор намуд шахсони мансабдор кабинетҳояшонро тарк карда, ба назди халқи одӣ бираванд. Баробари ин баҳри ба зудӣ монеъаҳои машъуми филизӣ ва бетону оҳанҳоро аз байн бардоштан, ба нуқтаҳои назоративу гузаргоҳӣ байни вилоят ва ноҳияҳо нуқта гузоштан суроришҳо дод, атрибутҳоро, ки ба «арзиш»-и даври аввалаи сиёсӣ табдил ёфта буданд, маҳв сохт. Дар ин маъниии ба ҳуд хоси рамзӣ ҳаст.

Шавкат Мирзиёев ҳанӯз аз қадамҳои аввал кушод ва халқпарварона будани сиёсати ҳудро нишон дода, пеш аз ҳама, сохтори репрессивии дохили мамлакатро барҳам дод.

Масъалаҳои басо мушкилро, ки ҳатто замонҳое ба дараҷаи ҳаёту мамот бардошта шуда буданд, муаммоҳоеро, ки садсолаҳо боз идома меёфтанд, роҳбари давлат тез ва осон ҳал кард, ки гувоҳи ин шуда, ба ҳайрат афтодам. Ман дар ин ҷо хотимаёбии яккаҳокимии пахта, барҳам дода шудан ба ғуломӣ дар пахтакориву меҳнати маҷбурии бачаҳо дар пахтазорҳоро мавриди назар дорам.

Дигар, ба туфайли равнақи сурҳатноки саноати бофандагӣ аз мамлакати экспорткунандаи ашёи хоми пахта баъди 7 сол кӣ фикр мекард, ки Ӯзбекистон ба маъноии ҳақиқӣ ба давлати импорткунандаи пахта табдил меёбад? Тавре мебинем, ин гуна дигаргуниҳои таъсирнок аз нақши беқиёси роҳбари нав дар навсозии мамлакат дарак медиҳад.

Ғайр аз ин, Шавкат Мирзиёев роҳи озоди конвертатсияро пеш гириштааст, ба зудӣ сиёсати пул-кредит ва андозбучаро либералӣ намуд. Режими савдои беруна ва тарифҳои гумрук низ нарм гашт. Имрӯз мушоҳида шудани фаъолнокии ҳаракати соҳибкорӣ, ба мамлакатамон бардаштани сармоядорон чӣ қадар дурустии ин қарорро нишон медиҳад.

Ҳоҷат ба эҳоҳи фактҳо нест. Мувофиқи маълумоти Бонки глобалии NSBC (Ҳисоботи ҷаҳон, 2050) Ӯзбекистон дар давомии даҳсолаи наздик ба яке аз давлатҳои иқтисодиёташон тез ривоҷёбанда табдил ёфт. Сиёсати «Дарҳои кушод» имкон дод аз соли 2019 сар карда аз қатори панҷ мамлакати сайёҳиашон ривоҷёфта ва ҷозибанок ҷо пайдо намоем.

Аҳволи Ӯзбекистон аз тоифаи кишварҳои аз ҳама қафомонда (пештар ба ҳар сари аҳолӣ дараҷаи МУД 350-400 долларро ташкил менамуд) ба қатори кишварҳои даромадашон миёна (ҳоло 2250 доллар) табдил ёфт. Мақсади ҳозира дар соли 2030 аз дараҷаи миёна ба дараҷаи мамлакатҳои даромадашон баланд ворид шудан мебошад.

Шавкат Мирзиёев ҳанӯз дар ибтидои соли 2020 вазифаи дар соли 2025 ду баробар зиёд шудани ҳаҷми маҳсулоти дохилӣ, онро аз 58 миллиард доллар ба 100 миллиард доллар расондан (ин нишондиҳанда аҳволи аз 82 миллиард доллар боло рафтааст), ҳаҷми солонаи сармояҳои бевоситаи хоричиро ба 10 миллиард доллар расондан (ин нишондиҳанда аллакай даст додааст), ҳаҷми экспортро бошад, ба 30 миллиард доллар расонданро (соли гузашта ҳаҷми экспорт ба 25 миллиард доллар расид) гузошта буд.

Комёбиҳо бобати ислоҳоти иқтисодии Ӯзбекистон дар моҳи апрели соли 2021 дар Иттиҳоди Аврупо низ қайд гардид, ки имкон додааст Ӯзбекистон ба GSP+ сохтори имтиёзҳо ҳамроҳ шуда, тавонад 6200 навъ маҳсулотро бидуни боҷ содир намояд. Дар натиҷа танҳо аз ибтидои соли 2023 ҳаҷми савдо бо Иттиҳоди Аврупо 70 фоиз афзуд.

Ҳамин тариқ, дар байни ҳафт сол Ӯзбекистон мавқеи гумкардаашро барқарор намуд, дар минтақа ба фигураи асосӣ табдил ёфт. Вазифаи ояндаи наздик иборат аз он аст, ки Ӯзбекистон ба марказ молиявии Осиёи Мирказӣ ва хаби самараноки тиҷоратӣ табдил дода шавад. Ҳамаи ин самараи стратегияи минтақавии Шавкат Мирзиёев мебошад.

Барои ба сафи кишварҳои мутараққӣ ҳамроҳ шудани Ӯзбекистон пойдевори мустаҳкам айнан ҳамин рӯзҳо устувор мегардад. Президент вазифа гузоштааст то соли 2030 ҳаҷми маҳсулоти умумии дохилӣ ду баробар зиёд шуда, ба 160 миллиард доллар расад, ба ҳар сари аҳолӣ ҳаҷми маҳсулоти умумии дохилӣ 4 ҳазор долларро ташкил намуда, ҳаҷми умумии экспорт ду баробар болоравад ва ба 45 миллиард доллар расад, сармоя ба андозаи 250 миллиард доллар ҷалб карда шавад.

Ӯзбекистон аз соли 2030 эҳтимол ба даврои чаҳоруми рушд қадам гузорад. Вале, бешубҳа, ислоҳоте, ки баъди соли 2030 ба амал меояд, ба хусусиятҳои ба ҳуд хос молик хоҳад буд. Дар давраҳои аввала ва ҳозира сабзиши иқтисодро бо истифода аз захираҳои табиӣ, ҷалби сармояҳои хоричӣ ва истифодаи оқилона аз захираҳои меҳнатӣ таъмин кардан мумкин буд. Барои тараққиёти минбаъдаи мамлакат пешравӣ аз ҷиҳати технологӣ чун обу ҳаво зарур. Масалан, давраи ҳозира барои мамлакатҳои пешбар ҳамчун «чаҳорум инқилоби саноатӣ», ҳамчунин «иқтисодиёти ақлнок ё ҳуд инноватсионӣ» тавсиф карда мешавад. Хусусан, интизор меравад аз технологияҳои иттилоотӣ (IT) ба технологияи маълумотҳо (Data technology, DT) давра-ба давра гузашта шавад.

Вале пешравӣ аз ҷиҳати технологӣ, чун шарти муҳими дараҷаи технологияи баланди рушд дар навбати аввал, талаб менамояд сифати капитали инсон баланд бардошта шавад. Дар акси ҳол, мумкин аст мамлакат боз дар давомӣ 20-30 сол дар дараҷаи рушди миёна монда равад.

Аз ин боис беҳуда Шавкат Мирзиёев дар соҳоти ба равнақи капитали инсон хидматкунанда ислоҳоти васеъмиқёсро оғоз нанамуд. Хусусан, Президент дар моҳи сентябри соли 2020 зимни маърӯзааш бахшида ба Рӯзи муаллимон ва мураббиҳо ба назди мамлакатамон «Офаридани пойдевори даври Ренессанси сеюм ва ғояи миллӣ шинохтани онро ба сифати вазифаи стратегӣ» муайян намуд. (Маълум, ки даври Ренессанси якум

Ба пешвози солгарди зодрӯзи Алишер Навоӣ

МАОШИ «ПРОФЕССОР» ВА «ДОТСЕНТ» ДАР МАДРАСАИ НАВОӢ

Баъди хондани сарлавҳа табиист, ки саволи «Дар замони Навоӣ оё вазифаҳои «профессор» ё «дотсент» буд ва маоши онҳо то кӯҷо фарқ мекард?» ба миён меояд.

Илм бояд ба ин суолҳо ҷавоби дақиқ диҳад. Навоӣ асари «Вақфия»-и худро вақте навишт, ки 40 сол дошт. Дар он оварда шудааст, ки дар рӯ ба рӯйи мадраса хонақоҳест, дар байни онҳо роҳест сангфарш. Ба мутаваллӣ супурда шудааст, ки бояд ҳар сол ин роҳро таъмир намояд. Дар «Макоримул-ахлоқ»-и Фиёсиддин Хондамир омадааст, ки он мадрасаи «Ихлосия» ва хонақоҳи «Халосия» мебошад. Зеро муаррих оварда, ки хонақоҳи «Халосия» дар рӯбарӯйи мадрасаи «Ихлосия» сохта шудааст. Мақсад аз овардани ин факту далелҳо ёдрас кардани он аст, ки Навоӣ дар «Вақфия» сухан аз вақфи мадрасаи «Ихлосия» ба миён овардааст. Асар қисми басе муҳиме дорад зери сарлавҳаи «Арбоби вазоиф», яъне «соҳибвазифагон».

«Арбоби вазоиф» то ҷое мафҳуми «ҷадвали штатҳо»-и имрӯзро ифода менамояд. Дар он, воқеан, теъдоди ходимони мадраса, миқдори маош ва вазифаҳояшон дақиқ оварда шудааст.

Бино ба маълумоти ин қисм дар мадраса 22 нафар толиби илм мехондаанд, дар хонақоҳ 21 нафар ходим меҳнат мекардааанд. Агар рӯйихати онҳоро тартиб диҳем, чунин манзара пеши назар меояд: мударрис — 2 нафар; мусаддир — 1 нафар; соир — 5 нафар; шайх - 1 нафар; воиз - 1 нафар; имом (хатиб, мактабдор) — 1 нафар; мукрӣ — 1 нафар; таббохи хонақоҳ — 1 нафар; табақчӣ — 1 нафар; фаррош — 1 нафар; ходим — 2 нафар; мутаваллӣ — 1 нафар; навкар — 2 нафар; мушриф — 1 нафар.

Яъне, ба 22 нафар толибилм, бино ба 14 вазифа, 22 нафар ходим дар хидмат будаанд. Қариб ба ҳар 1 толибилм 1 ходим рост меояд, ки аз рӯйи мизони имрӯз нишондиҳандаи хеле баланд аст. Як пеши назар оред: дар муассисаи таълими олие, ки ҳазор нафар донишҷӯ дорад, ҳазор нафар бо корҳои таълиму табия ва хоҷагӣ машғуланд.

Факти муҳими дигар ин аст, ки толибилмон низ маоши муайян, яъне стипендия мегирифтаанд. Ба толибилмон се навъи стипендия дода мешудааст. Якумаш — аъло (стипендияи аъло). Бино бар он ба гирандаи «стипендияи аъло» моҳе 24 тиллои накд ва соле 5 харвор гандум пардохта шудааст. Дуюм — авсат (миёна, яъне сипендияи хубхонҳо). Бино бар он ба толиби илм ҳар моҳ 16 тилло, соле 4 харвор гандум пардохта шудааст. Сеюм — адно (стипендияи паст, мутобиқ ба қаноатбахши имрӯза). Бино бар он ба толибилм ҳар моҳ 12 тилло ва соле 3 харвор гандум дода шудааст. Пас, стипендияи аъло аз стипендия миёна 1, 5 баробар ва аз стипендияи паст 2 баробар зиёд будааст.

Вале дар ин ҷо ба як чиз равшанӣ андохта нашудааст. Ба толибилмон стипендияҳои «аъло», «авсат» ва «адно» бино ба дараҷаи донишашон пардохта шудааст ё вобаста ба соли хониши онҳо? Ба ин савол танҳо аз рӯйи факту далелҳои таърихӣ метавон ҷавоби илмӣ дод. Алҳол метавон такя ба фарзияҳо кард.

Медонем, ки дар асрҳои миёна мадрасаҳоро яке дар тӯли 5 ё 6 сол, дигаре дар тӯли 7 ё 8 сол хатм мекард. Бино бар ин ҳолат метавон гуфт, ки «стипендияи аъло» ба толибилмоне дода шудааст, ки дар арафаи хатм кардани мадраса будаанд. Яъне, вобаста ба дараҷаи илм ва зинаи таълим пардохта шудааст. Эҳтимол, ба ин дараҷа яке камтар хондааст, дигаре бештар.

Маоши мукрӣ маоши камтарини ходимони мадраса ва хонақоҳ будааст, яъне онҳо соле 100 тилло ва 5 харвор гандум мегирифтаанд. Миқдори «стипендияи аъло» аз ин се баробар зиёд аст. Зеро «стипендияи аъло» соле 288 тилло ва 5 харвор гандумро ташкил додааст. «Стипендияи хуб» аз он қариб 2 баробар зиёд аст. Зеро он 192 тилло ва 4 харвор гандумро ташкил медиҳад. «Стипендияи қаноатбахш» аз он қариб 1,5 баробар зиёд аст. Зеро ба он соле 144 тилло ва 3 харвор гандум дода мешуд. Ин нишондиҳандаҳо аз он дарак медиҳад, ки толибилмон обрӯйи баланд доштаанд.

Маоши мударрис ба ҳисоби тилло аз «стипендияи аъло» 4 баробар зиёд будааст, яъне соле ба ӯ 1200 тилло дода мешуд. Толибилмон ба гурӯҳҳо тақсим карда шудаанд. Дар ҳар гурӯҳ 11 толиби илм таҳсил кардааст.

Бигирем, агар «мударрис»-и мадраса «профессор»-и имрӯза аст, «мусаддир» дар пояи «дотсент»-и имрӯз қарор доштааст.

Мударриси мадрасаи «Ихлосия» аз мусаддир қариб 2,5 баробар зиёд маош мегирифт (муқоиса кунед: 1200 : 500 = 2,4). Мадраса роҳбар низ дошт, ки мутаваллӣ меномидандаш. Яъне «ректор»-и имрӯза. Ӯ навкарони худро низ дошт. Онҳо дар заминҳои вақфи мадраса корҳои деҳқониро ба тартиб медароварданд ва назорат мекарданд. Ба мутаваллӣ соле 3 ҳазор тилло ҷудо карда шуда буд. Вале ӯ аз 6 чор ҳиссаи онро ба худ мегирифту 2 ҳиссаашро ба ду навкар медод. Муайян намудаанд, ки ӯ 2 ҳазор тилло мегирифтааасту ба ҳар кадоми навкар панҷсадӣ (тилло) медодааст.

Мутаваллӣ бо идораи молу мулк ва таъмири иморатҳо сарукор дошт. Маоши мударрис дар ҷойи дуюм буд, шайх дар ҷойи сеюм қарор дошт. Вале шайх дар хонақоҳ масруфи кор буд. Суфиён дар хонақоҳ аз ӯ таълим мегирифтанд.

Имрӯз донистани он, ки соҳиби ин 14 вазифа чӣ корҳоро анҷом медоданд, яъне дар мадрасаю хонақоҳ меҳнат чӣ хел тақсим карда шуда буд, басе муҳим аст. Вале барои донистани ин бояд, ба ҷуз «Вақфия», ба дигар сарчашмаҳо низ мурочиат кард.

Навоӣ сохтори якҷо таълим додани илми зоҳир (дин) ва илми ботин (тасаввуф)-ро пазируфтааст. Аз ин рӯ, хонақоҳу мадрасаро дар канори ҳам дидан мехост. «Ихлосия» номида шудани мадраса ва «Халосия» ном гирифтани хонақоҳ низ рамзист. Дар урфият «ихлосу халос» гӯянд, ки бе ҳикмат нест. Яъне, «Аз таҳти дил ихлос кунӣ, аз дард халос мешавӣ».

Вале Навоӣ дар ин маврид ба камолоти рӯҳӣ расидан (амиқ омӯхтани илмҳо, аз иллатҳо халос шудан)-ро дар назар дорад.

Имом-хатиб низ аз вақфи мадраса маош гирифтааст. Ба зиммаи ӯ мактабдорӣ гузошта шуда буд, Яъне дар назди мадраса мактаб низ будааст, ки онро метавон литсейи академӣ номид.

Фиёсиддин Хондамир навиштааст, ки Алишер Навоӣ мадрасаеро бо номи «Шифоия» созонд, ки дар он ҷо мутахассисони тиббӣ омода карда мешуд: «Шифоия» (мадраса) дар самти ғарбии ин мадраса (мадрасаи «Халосия» дар назар аст), дар ҷойи тозаву озода бунёд гардидааст, ки имрӯз дар ин маскан Мавлоно Фиёсиддин Муҳаммад ибни Мавлоно Ҷалолуддин аз улуми тиб таълим медиҳад».

Ин аз он далолат медиҳад, ки дар мадрасаҳои он давр таълими олии ихтисосонидашуда роҳандозӣ шуда будааст. Аз ин дидгоҳ мо метавонем мадрасаи «Ихлосия»-ро дар пояи донишгоҳ ва мадрасаи «Шифоия»-ро дар пояи донишкадаи имрӯза гузорем.

Суоле пайдо мешавад, ки дар аҳди темуриён чаро илму фан ба ин дараҷа рушд кард? Ҳақиқати таърихӣ ин аст, ки агар маблағ ҷудо карда шавад, ҳама соҳа ривоҷ меёбад.

Султонмурод ОЛИМ,
доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи фанҳои амалии Тошканд.

Охири соли 2021 дар арафаи ташрифи давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Куриё дар пойтахти он – шаҳри Сеул ба шоир ва мутафаккири бузург Алишер Навоӣ пайкара гузошта шуда буд.

Суратгир: Т. МАМАДАМИНОВ. ӮзА.

БАХШИДА БА СОЛГАРДИ НАВОӢ

5 феврали соли 2024 дар мактаби рақами 11-уми ноҳияи Сӯх бахшида ба 583-солагии асосгузори адабиёти классикии ӯзбек Алишер Навоӣ бозии интеллектуалии «Заковат» доир гашт.

Он бо ташаббуси аъзои Иттиҳодияи методии фанни забони ӯзбекӣ гузаронида шуд. Дар чорабинӣ хонандагони синфҳои панҷуми «А», «Б» ва «В» аз рӯйи шартҳои зерин қувваозмоӣ карданд: маълумот оиди Алишер Навоӣ, қироати шеъри беҳтарин, савол-ҷавоб аз ҳаёти Фонӣ, ҳаллу фасли ҳарфҷадвал, тафтиши саводнокӣ бино ба имло. Чорабиниро муаллимони забони давлатии мактаб доварӣ намуда, холисона баҳо гузоштанд.

Баъди ба охир расидани ҳар як бахши чорабинӣ қироати рубоӣ ва ё ғазал аз эҷодиёти А.Навоӣ писанди ҳамагон гардид. Тибқи нақшаи чорабинӣ ҳар се синфи панҷ фаъол иштирок карданд. Бо дастгирии хонандагон ғолиби бозии «Заковат» аниқ гардид. Ҷамоаи 5 «А» сазовори ҷойи аввал дониста шуд. Ғолибон бо сипоснома ва тухфаҳои хотиравӣ тақдиронида шуданд. Чорабинии муфид ба хонандагон ғизои маънавӣ бахшид.

Ҳотамалӣ РАҲМАТОВ.

«РӮҲИ ҶОМИВУ НАВОӢ ШОД ШУД»

Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.
Мирзо ТУРСУНЗОДА.

Вақте вожаи дӯстиро ба забон меорем, беихтиёр меҳрубонӣ, самимият ва вафодории шахси дар рӯ ба рӯямон буда пеши назар меояд. Ҳаёти каси бе дӯст гули худрӯйи пажмурдаеро мемонад, ки дар байни санги хоро рӯйидааасту баъди чанде хазон мешавад. Агар боғбон тавону салиқаашро барои зиёд кардани теъдоди ниҳолакон бо роҳи пайвандкунӣ сарф намояд, инсонҳо бо роҳи пайванди қалбҳо дӯстонро зиёд мекунанд. Дӯсти ҳақиқӣ онест, ки дар лаҳзаҳои душвор ба кумаки дӯсташ шитобад. Дӯстии байни ду шахс ё ду кишвар дар ҳама давру замон чун обу ҳаво, ки бидуни он унсурҳои ҳаёт нест, зарур аст. Дӯстии байни Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва поягузори адабиёти классикии ӯзбек Алишер Навоӣ то ба имрӯз қимати худро кам накардааст. Дар маҳфилҳои сухан ин бузургон дар васфи дӯстӣ байтҳо мехондаанд:

З-ин назми нав чархи куҳун,
якбора гӯ ҳайрат макун,
Фонӣ зи таълими сухун дорад зи
Ҷомӣ борҳо.

Ё дар мавриди дигар:

Ҳазрати Ҷомий Навоий меҳрнинг
сарчашмаси,
Дар сухангуӣ тавоноянду ҳам
афсунгаранд.

Бале, ҳақ бар ҷониби шоирони бузург, ки бо гузашти қарнҳо суханашон маънои аслии худро гум накардааст.

Ин ду халқ, яъне ӯзбеку тоҷик, аз қадимулайём ба ҳам дӯсту бародар буданд, риштаҳои хешу таборӣ доштанд. Зеро расму оин, дину мазҳабашон як аст. Ҷашнҳои мардумиро бидуни якдигар намегузаронидаанд.

Ноҳияи мо – Сариосиё бо ноҳияи Турсунзода бародаршаҳр буду ҳаст. Роҳбарони ин ду ноҳияи калони ду кишвари бо ҳам дӯсту бародар аз ҳоли якдигар хабар мегирифтанд. Дар байни хонандагон озмунҳои фаннӣ, санъат ва варзишӣ мегузарониданд, ки ҳадаф шод гардонидани рӯҳи ниёгонамон буд. Дар байн бо айби баъзе курсинишинон ин робитаҳои дӯстӣ қатъ гардид. Сарҳадҳоро бастанд…

Хурсандии мардуми шарифи Ӯзбекистону Тоҷикистон 9 марти 2018 ҳадду канор надошт. Пайравони Ҷомию Навоӣ – Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба як кори хайру савоб даст заданд, ки ин ҷасорату қаҳрамониро дар ягон давру замон кас ёд надошт. Гузаргоҳҳои байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон кушода шуд. Фироқи модарони даҳсолаҳо аз дидори фарзандҳо бенасиб, падарони муштоқи дидори фарзанд ба поён расид. Мардум ҳатто марги падару модар ва фарзандро намедиданд, ки ин як вазъияти басе нигаронкунанда дар байни ду кишвари ба ҳам дӯст буд. Шоҳиди он будем, ки баъди аз сарҳад гузаштан мардум бо зону дар рӯйи замин нишаста, хоки ватанашонро, ки даҳсолаҳо муштоқаш буданд, ба абрувон мемолиданду сарварони ду кишварро дуо мекарданд. Ин ҳолатро дида беихтиёр байтҳои шоири ширинкалом Кӯҳзоди Фатҳулло ба хотир меояд, ки фармудааст:

Байни ду давлат салоҳ эҷод шуд,
Бин, ки ал нав дӯстӣ бунёд шуд.
Мардум аз хурсандӣ дар
фарёд шуд,
Нақшаҳои Аҳриман барбод шуд.
Роҳ аз занҷиру банд озод шуд,
Рӯҳи Ҷомиву Навоӣ шод шуд.

Дар айни ҳол мо метавонем бе тарсу ҳарос ва раводид ба шаҳрҳои Панҷакенту Кӯлобу Ҳисор ва Хуҷанд рафта, аз обидаҳои таърихӣ ва зебоиҳои он ҷоҳо лаззат барем ва ё барҳакс, меҳмонони тоҷикистонӣ омада аз Бухорову Самарқанд, Хиваю Қуқанд ва Тирмизу Насаф дидан карда, бо мардумони ин минтақаҳои зебо ошноӣ пайдо кунанд. Мо аминем, ки ин дӯстию рафоқат то абад поянда монда, риштаҳои хешу таборӣ боз ҳам мустаҳкамтар мешавад. Чопи китоб ва мақолаю рӯзномаҳо ба ду забон, яъне тоҷикӣ ва ӯзбекӣ сурат мегирад. Соҳибони касбу кори гуногун бо ҳам тамос гирифта, ҳамкории қаринро ба роҳ монда, ривоҷу равнақи корро метезонанд. Дар байни маорифпарварон низ озмунҳои фаннӣ ва варзишӣ дар байни донишомӯзон ба роҳ монда мешавад. Бо шароити кор, таҳсил ва донишомӯзии якдигар аз наздик ошно мешавем.

Ҳифз кун ду миллати озодаро,
Бар русуми ҳамдигар дилдодаро.
Боз мон, ё Раб, ба лутфат
доимо,
Ин дару дарвозаи бикшодаро.
Роҳ аз занҷиру банд озод шуд,
Рӯҳи Ҷомиву Навоӣ шод шуд.

Кӯҳзоди ФАТҲУЛЛО.

Саодат САНГИНОВА,
сарвари мактаби рақами 82-юми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сухондарё.

«ОВОЗИ ТОҶИК»– 100 СОЛИ ПУРШАРАФ

ё худ ёди рӯзҳои гузашта дар партави «Бухорои Шариф» ва «Овози тоҷик»

Он чароғи маърифате, ки дар нимаи дуюми садаи XIX Аҳмади Дониш фурӯзон карда буд, ба дасти Айнӣ гузашта то нимаи аввали асри XX, раҳнамои мунавварфикрону ислоҳотчӯёни навхоҳ (ҷадидон) шуд, ба таъсиси адабиёти маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна, ба пойдор мондани забони қавми тоҷик дар Моваroуннаҳр мусоидат кард, «Овози тоҷики камбағал»-ро ба майдон овард, роҳи ташаккули журналистикаи тоҷикро равшанӣ бахшид.

Рӯзномаи марказии тоҷикони Ӯзбекистон – «Овози тоҷик» соли 2024 садсола шуд. Ин ҷамоаи эҷодӣ ва дигар нашрияҳои тоҷикии кишвар ҳар сол 25-уми августро чун санаи таъриҳӣ, ки он рӯз шумораи аввалинаш ба табъ расидааст, таҷлил менамоянд. Зеро «Овози тоҷик» фаротар аз номи як рӯзнома буда, моҳиятан порае аз таъриҳи кишвари мост. Ҳамзамон ба ин, чун оинаи таъриҳ ифодакунандаи дӯстии беҳамтои халҳҳои тоҷик ва ӯзбек буда, алҳол нафақат аз ҳастии миллат дар Ӯзбекистон, балки аз нашъунамои забон, адабиёт, умуман фарҳанги тоҷикон дар сарзамини «Ӯзбекистони Нав» ҳуднамоӣ мекунад, то ки муштариёнаш ҳамқадам ва ҳамнафаси замон бошанд.

Чуноне ки академик Муҳаммадҷон Шакурӣ фармудааст: «Мардуми тоҷик, дар айёми мо, ба худшиносии тозае мерасанд ва ё бояд бирасанд. Зиёда зарур аст, худшиносии миллии навбунёде сурат бигирад, ки дар асоси шинохти таъриҳӣ, фарҳангӣ, фалсафӣ ва мазҳабӣ, дар асоси муҳимтарин хусусиятҳои миллии худ моҳияти марҳилаи имрӯзаи таъриҳ амиқан дарк шавад, ҳадафҳои миллӣ ва роҳи расидан ба онҳо дуруст таъин гардад. Як худшиносии пургустаришу амиқрави маънавӣ қобил аст, ки миллатро аз вартаи худгумкардагӣ берун кашида, ба шоҳроҳи ҳастии таъриҳӣ бароварад. Расидан ба худшиносии амиқи маънавиасос фармудаи таъриҳ аст, ки тоҷикон бояд иҷро кунанд».

Дар нимаи дуюми қарни нуздаҳ дар осмони тираю пурабри Бухоро ситораи нав падид омад. Ӯро ном Аҳмад Маҳдуми Дониш буд, ки Амир Музаффар ӯро ба дарбор дар вазифаи мунаҷҷим ба кор гирифта, аз камоли илму донишаш ба кору бори сиёсати аморат масъул сохт ва дар ҳайати сафорати Бухоро се бор озими Петербург сохт, ки чаҳонбинии ӯро куллан тағйир дод.

Устод Садриддин Айнӣ, зимни хотираҳои худ дар бораи Аҳмади Дониш (вафоташ соли 1889) навишта буданд, ки яке аз мухлисон ва пайравони афкори Аҳмад-маҳдум, Қозӣ Мирзо Муҳаммадшарифи Садр (Садри Зиё – қиблагоҳи академик Муҳаммадҷон Шакурӣ) асари «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмадмаҳдумро китобат кунонда, тасҳеҳ ва муқобалаи онро аз рӯйи дастхат ба Айнӣ ва шарикдарси ӯ Абдулвоҳиди Мунзим пешниҳод мекунад. Баъди мутолиаи дақиқи китоб Айнӣ сабабҳои чаро кофир ном гирифтани устоди худ Донишро, нуқсонҳои таълиму тарбия дар мадорис ва дигар камбудиҳои муҳити ҳамонвақтаи Бухороро ба тарзи бояду шояд идрок карда гуфтаанд, ки баъди ин «дар фикри ман тағйирот пайдо шуд».

Ҳамин тавр, нигоҳи Айнӣ нисбати ҳамфикрони Аҳмади Дониш – Шарифмаҳдум, Исомаҳдум, Иноятмаҳдум, Яҳёҳоҷа, Қорӣ Абдулмаҷиди Зуфунун, Мулло Шарифи Соат ва Мирзо Сомӣ наздик мешавад. Зеро инҳо ҳама ба авзои сиёсии Бухоро назари танқидӣ доштанд ва ба ин асос ҷабру ситам медиданд. Чунончӣ, Исомаҳдум ва Иноятмаҳдум дар аҳди амир Музаффар иҷоран аз Бухоро гурехта ба Истанбул панаҳ ёфта бошанд, Яҳёҳоҷа ва Қорӣ Абдулмаҷиди Зуфунун мачбур шудаанд, ки худашонро ба девонагӣ зада, умр гузаронанд.

Сиёсатмадорони аморат ҳама одамони рӯшанфикрро таҳқир карда, бад медиданд. Аз рӯйи нақли устод Айнӣ, иддае Аҳмад Маҳдумро дар бадӣ шогирди шайтон шуморад, қисми дигар ӯро дар некӣ ба дараҷаи фаришта мебаровард. Чунки Аҳмади Дониш асарҳое навиштааст, ки барои маорифпарварон ба сифати чароғи илму маърифат хидмат мекард. Ва ин раванди тафаккур ба аҳли дарбор, ки аксарияти онҳо мутаассибу ҷоҳил буданд, ҳаргиз намефорид.

Аҳли дарбор Аҳмади Донишро ба хубӣ мешинохтанд, аз хушнавис будани вай, аз таъриҳшиносӣ, мунаҷҷим будани ӯ, аз ашъори ӯ бохабар буданд. Лекин баъди бозгашт аз сафарҳои Петербург нигоҳи Аҳмади Дониш тағйир ёфта, дар аввалин сафи тарғибгарони «мактаби ҷадид» (амсоли макотиби Русия) қарор мегирад. Чунин навгарой ба он овард, ки минбаъд аз дарбор дур шуда, ҳатто вазифаҳои мударрисию қозигиро ҳам рад карда буд.

Тарҷумаи ҳолаш гувоҳ аст, ки Аҳмади Дониш тақрибан 25 соли охирҳои умри худро дар бознишастагӣ, дар хонаи худ гузаронда, маоши худро бо касби китобат таъмин кардааст. Бар иловаи ин, ки мавсуф чун муаррихи ҳаҷгӯ шуҳрат дошт, хаттоти хушнавис, лаввоҳи бемисл, мусиқинавозу рассоми моникалам, ҳакиму мунаҷҷими маъруфи замон, шеърҳояш шаҳрошӯб низ буд. Ба ин нисбат алоқамандони зиёде тез-тез дар хонаи вай ҷамъ шуда, суҳбатҳои адабӣ-сиёсӣ барпо мекарданд.

Тавре ки муҳаққиқи соҳа профессор Зариф Рачабов хулоса менамояд: «ин ҷамъомад ва суҳбатҳо дар Бухоро то як андоза ба ҳаракати маорифпарварӣ асос гардидаанд».

Падид омадани мактабҳои ҷадидӣ, интишори нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои Шариф»-ро, агар гӯем, ки аз сафарҳои Аҳмади Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким, домулло Икром (мулаккаб ба «Икромчаи ҳаҷгӯ»), Ивазмаҳдум ба кишварҳои хориҷа маншаъ мегирад, хато нахоҳем кард.

Зеро тавассути тоҷирон рӯзномаю мақоллаҳо низ вориди Бухоро мешуд, ки домулло Икром ва Ивазмаҳдум аз сафари Ҳиҷоз ҳатман китобу рӯзномаҳо бо худ меовардаанд. Бо ҳамин роҳҳо рӯзномаи «Тарҷумон», мақоллаи «Ҷабл-ул-матин», китоби «Саёҳатномаи Иброҳимбек»-и Зайнулобидини Мароғаӣ (ваф.1910), ки ба танқиди тарзи идораи давлатӣ дар Эрон бахшида шудааст, аз даҳон ба даҳон гузашта, ғояҳои Аҳмади Донишро ҷоннок намудааанд.

Дар натиҷаи ин «Тарбияи атфол» ном ташкилоте ба фаъолият медарояд, ки муассисаш аҳли ҷадидия буд. Ин ташкилот ба мақсади дар оянда баланд бардоштани савияи дониши мардум ҷавонони болаёқатро интихоб карда, ба мамлакатҳои Аврупо ба таҳсил мефиристод. Ба иқрори Айнӣ, ин ташкилот куллан аз ҳукумат маҳфӣ амал мекард ва ҷавонони боистеъдодро ёфта, худашон ҷиддан имтиҳон карда, ба хориҷа барои таҳсил роҳӣ мекарданд.

Абдурауф Фитрат ҳам бо кумак ва дастгирии ҳамин ташкилот махфиёна аз тариқи Эрон ба Истанбул рафта, баробари таҳсил, бо фаъолияти эҷодӣ низ бо дилу ҷон машғул шудааст. Асарҳои машҳури тоҷикии ӯ: «Мунозира», «Сайёҳи ҳинд», «Сайҳа» (мачмӯаи шеърҳо), «Мусулмонони Дор-ур-роҳат» (тарҷумаи асари ҳамноми Исмоилбеки Гаспиралӣ аз туркӣ) дар Туркия навишта шуда, бо роҳҳои мухталиф махфиёна ба Бухоро оваронида, онҳоро тавзеҳ кунонидаанд. Минҷумла, достони публитсистии Фитрат: «Мунозираи мударриси бухоро бо як нафар фарҳангӣ дар Ҳиндустон» дар бораи мактаби ҷадид, ки сараввал (с.1910) дар Истанбул нашр шудааст, тавассути Маҳмудхоҷаи Самарқандӣ ба русӣ тарҷума ва нашр гардид.

Албатта, то ба майдон омадани ҳаракати «Ҷавонбухориён» ҳам озодандешони ислоҳотчӯ, ба монанди Мирзо Муҳиддини тоҷиру Мирзо Сироҷи Ҳаким ёфт мешуданд, ки баъди бозгашт ба ватан тарғибу ташвиқи маориф, илмомӯзии ҷавонон, ислоҳи ҷомеаро ба худ пеша карда, аз пайи дарёфти роҳи таъсиси матбуоти тоҷикӣ ҷонбозиҳо кардаанд. Мирзо Сироҷ баъди ҷаҳонгардии чандинсола аз Швейтсария ба ватан бозгашт карда, бо усули аврупоӣ ба кори табобат мепардозад, баъдтар шифохонаи замонавӣ барпо мекунад.

Назар ба қавли устод Айнӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким бар замми табобат «ба беморони ҷисмонӣ давоҳои рӯҳонӣ низ медод». Дар ҳақиқат, фаъолияти Мирзо Сироҷ ба ҷоннок шудани афкори омма таъсири файзбахш расонда, алалоқибат, нигоҳи мардум ба мактабу маориф, ислоҳи ҷомеа тағйир меёбад. Ва ногузирии ислоҳи ҷомеа эҳсос мешавад, ки қадами аввал дар ин роҳ равона кардани ҷавонон ба мамлакатҳои хориҷа барои таҳсил буд.

Фитрат дар Туркия бо Ҳамза ва Сӯфизода шинос шуда, дар солҳои мусофираташ бо Айнӣ, Беҳбудӣ, Мунзим алоқаю мукотибаро наканда, баҳри таъсиси мактабҳои замонавӣ, матбуоти тоҷик саъй кардааст.

Дар санаи 11 марти соли 1912 интишор ёфтани «Бухорои шариф» аслан самараи заҳмату кӯшиши Мирзо Сироҷи Ҳаким ва Мирзо Муҳиддин аст. Агарчанде ки то рӯзи баста шуданаш (2.01.1913) ба нашри ҳамагӣ 153 шумора муваффақ шуда бошад ҳам, нусхаҳои он то ба қораи Ҳинду Арабистон ва Эрону Афғонистон расида, шуҳрати тоҷикони Тӯронро афзудааст.

Як нуктаи қобили таваҷҷуҳ зимни нашрияи «Бухорои Шариф» ин аст, ки аҳли қалами ин нашрия бо назардошти эҳтиёҷи «ӯзбекзабон будани аҳолии баъзе қишлоқҳои атрофи Бухоро ва вилоятҳои он» (иқтибос аз китоби Айнӣ: «Таъриҳи инқилоби Бухоро», саҳ.106) дар машварат бо ҷавонон қарор қабул менамояд, ки дар идораи «Бухорои Шариф» ҳафтае ду бор нашри «Тӯрон» ном газета ба забони туркӣ ба роҳ монда шавад, ки чопи шумораи якумаш ба 14 июни соли 1912 рост омадааст.

Бешак, интишори «Тӯрон» – замимаи «Бухорои Шариф» барои Айнӣ, Ҳамза, Фитрат, Қодирӣ, Авлонӣ, Чӯлпон, Сӯфизода, Садри Зиё, Файзулло Хоҷаев, Муҳиддин Мансуров, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Мунзим (Абдулвоҳид Муҳиддинов), Қорӣ Йӯлдош Пӯлодов, ки баъзе аз онҳо дур аз Бухоро, ҳатто дар мамлакатҳои хориҷа мезистанд, боиси хушнудӣ шудааст.

Минҷумла, Абдурауфи Фитрат ҳам «Бухорои Шариф»-ро бо дилгармӣ истиқбол кардааст, ки шеъру достон ва ахбори илмиаш зеби саҳифаҳои «Бухорои Шариф» шуда, аз самароти кори эҷодиаш соҳиби маъруфият мешавад. Қобили қайд аст, ки Фитрат ҳамчун аввалин муҳаққиқи Навоӣ ва кашфкунандаи «Девони Фонӣ» эътироф шудааст. Баъдтар ӯро барои дарсгӯӣ ба Донишгоҳи давлатии Маскав даъват карда, бо унвони профессорӣ (соли 1924) сарфарозаш кардаанд.

Аз ин ручӯъ баргашта, асноди таъриҳии баста шудани нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои Шариф» ва замимаи ӯзбекиаш «Тӯрон»-ро хотиррасон мекунем, ки дар саҳифаи 108-уми китоби мазкури Айнӣ ин тавр мӯҳри таъриҳ гаштааст: «12 январи соли 1913 ба идораи «Бухорои Шариф» аз номи элчихонаи рус бо имзои Петроф ба ин мазмун як мактуб омад: «Бо хоҳиши ҷаноби олӣ, амири Бухоро, аз ҳамин рӯз эътиборан газетаҳои «Бухорои Шариф» ва «Тӯрон» аз нашр бозҳошта мешаванд».

Устод Айнӣ таассуроти худро дар риштаи назм ин тавр изҳор кардааанд:

Эй тарҷумаи ҳоли дил, эй сафҳаи «Тӯрон»,
Ту маҳв шудӣ, монд ба дил доғи
фаровон.

(Давом дорад).

Маъруф ОТАХОНЗОДА,
Журналисти хидматнишондодаи Ӯзбекистон.

Маросими супурдани туҳфаҳои Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода ва идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» ба мактаби рақами 57-уми ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё ба таври мутантан баргузор гардид.

ТУҲФАИ АРЗИШМАНДИ САФИР

Ин иқдом дар ҳамовозӣ ба мақолаи «Моро кӣ бо китоб таъмин мекунад?» (Б. Чоршанбиев, «Овози тоҷик», 19 декабри соли 2023) ба амал омад. Муаллиф дар мақолаи мазкур аз набудани китобҳои бадеии тоҷикӣ дар мактабҳои таълимашон тоҷикии мактабҳои ноҳия сухан ба миён гузошта, диққати ташкилотҳои мутасаддӣ, аҳли ҷомеа ва шахсони алоҳидаро ба ҳалли ин мушкилот ҷалб сохта буд.

Дар нитиҷа Абдуҷаббор Раҳмонзода як даста китобҳои бадеиву илмиро, ки ба забони тоҷикӣ чоп шудаанд, ба мактаби номбурда ҳамчун туҳфа фиристод. Таҳririяти рӯзномаи «Овози тоҷик» низ дар ин кори хайр саҳм гирифт.

Дар маросими супурдани китобҳои бадеии тоҷикӣ устодони ин дабистон, аз ҷумла, директори мактаб Абдуваҳҳоб Бердиев, ҷонишини директор оид ба корҳои маънавӣ ва маърифатӣ Баҳодур Раҳимов, равоншиноси ин даргоҳи илм Фарҳод Набиев, раиси кумитаи падар ва модарон Толибҷон Нурқаев, мудири китобхона Шавкат Ҳайдаров ва як гурӯҳ хонандагони китобдӯсти мактаб ширкат доштанд. Хонандагон ва ҷамоаи омӯзгорони мактаби рақами 57 аз чунин тӯҳфаи бебаҳо изҳори хушнудӣ намуданд ва ин армуғонро ҳамчун рамзи дӯстии ду кишвари ҳамҷавор қабул карданд.

Директори мактаб Абдуваҳҳоб Бердиев гуфт, ки китобхонаи мактаб ба китобҳои бадеии тоҷикӣ ниёзманд аст ва умедворем тӯҳфаҳои сафири Тоҷикистон ва аҳли қалами «Овози тоҷик» ин талаби китобдӯстони деҳаи Сарчашмаро то ҳадде қонеъ мегардонад.

Тасмим гирифта шуд, ки ба сифати нишони эҳтиром ва поянданги дӯстии давлатҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон дар як гӯшаи махсуси китобхонаи дабистон туҳфаи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон нигоҳдорӣ шавад.

Баҳром ЧОРШАНБИЕВ,
сокини деҳаи Сарчашмаи ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё.

КОНФРОНСИ ВИДЕОИИ ҲОКИМИ НОҲИЯИ НУРАТО

Ҳокими ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ Азамат Файзиев бо намояндагони ширкати «Rafahia Holdings Berhad» дар Малайзия мулоқоти конфронси видеоӣ анҷом дод. Дар мулоқоти видеоӣ Сафири Фавқулода ва Мухтори Ӯзбекистон дар Малайзия Каромиддин Гадоев иштирок намуд.

Зимни мулоқот дар бораи ворид намудани сармояи хориҷӣ ва тадбиқи лоиҳаҳои инноватсионии истиқболнок гуфтушунид карда шуд.

Дар бораи лоиҳаи аз нав коркарди тарбуз ва помидори дар ноҳия парваришшаванда нақшаҳои муайян пешниҳод гардиданд. Ҳамчунин лоиҳаҳои энергияи «сабз» ва кофтукови тилло ва аз он ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ пешниҳод гардид.

Барои омӯзиши имкониятҳои мавҷуда ва гузаронидани санҷиши корҳои лабораторӣ ташрифи намояндагони ширкат ба Нурато дар назар аст.

Зикр бояд намуд, ки ширкати «Rafahia Holdings Berhad»дар соли 2011 таъсис ёфта, ба коркарди маҳсулоти заргарӣ, савдои он, сайёҳӣ, авиатсия ва коркарди маҳсулоти хоҷагии деҳот шуғл дорад.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

Ба ҷойи табрик

ЗЕҲНИ БО СУХАН ОШНО

Малик Кабиров. На ҳама бо ин ном ошноянд. Теъдоди ками суханварон ва донишмандон медонанд, ки чунин як инсони фарҳехта вучуд дорад. Зеро ӯ умре ба дунболи муаррифии худ нагаштааст, балки саъй бинмудааст, ки худро бо сухан ва илм ошно созад. Имрӯз маҳсули кору эҷоди ӯ ба забони ҳол мегӯянд, ки бо сухан ошно шудааст.

Мавсуф ҳанӯз вақте дар мактаби таҳсилоти ҳамагонии деҳаи Бурҷимуллои ноҳияи Бӯстонлиқ таҳсил мекард, ба адабиёт ва сухани муқаффо меҳру муҳаббати зиёд дошт. Ин дилбастагӣ буд, ки баъди хатми мактаб таҳсилро дар факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд идома дод. Фикр мекард, ки аз асрори шеъру шоирӣ ва иншои осори бадеӣ омӯзгорони забон ва адабиёт вуқуфи комил доранд. Дертар маълумаш гардид, ки забон бахрест пурумқ ва аз умқи он танҳо адибон дурри мақсуд ба даст оварда тавонанд.

Ончунон ба омӯзиш дода шуд, ки дар тӯли панҷ соли таҳсил аз ҳамаи фанҳои таълимӣ баҳояш аъло буд. Ин буд, ки ӯро баъди хатми донишгоҳ ба кафедраи забони факултаи филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии навтаъсиси Самарқанд ба сифати омӯзгори забон ба кор қабул карданд. Мутаассифона фаъолияти омӯзгориаш дер давом накард. Падараш бемор гардид ва ӯ маҷбур шуд, ки ба деҳа баргардад.

Ҳангоми дар деҳа ба сифати омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик кор кардан даст аз навиштани мақолаҳои илмӣ накашид.

– Ба мақолаи илмии инчониб – «Лексикаи шеваи тоҷикони Бурҷимулло» ходимони илмии Пажӯҳишгоҳи ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуданд ва маро ба суҳбати академик Раззоқ Ғаффоров даъват намуданд, – иброз дошт ӯ дар рафти суҳбат. – Раззоқ Ғаффоров маслиҳат доданд, ки доир ба хусусиятҳои луғавии гӯйиши тоҷикони ноҳияҳои Бӯстонлиқ ва Паркент рисолаи номзадӣ нависам. Лозим омад, ки аз соли 1989 фаъолияти омӯзгориамро дар Донишгоҳи давлатии Кӯрғонтеппаи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии Бохтар) идома диҳам.

Тӯли солҳои кор дар донишгоҳ мақолаҳои илмӣ ва шеърҳояш гоҳ-гоҳ дар рӯзномаву маҷалла ва маҷмӯаҳои дастҷамъии илмӣ чоп мешуданд. Бо мурури вақт хусусиятҳои луғавии 18 деҳаи ноҳияи Бӯстонлиқ ва се деҳаи тоҷикнишини ноҳияи Паркентро омӯхта, дар мавзӯи «Лексикаи лаҳҷаҳои тоҷикони Чирчиқи вилояти Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон» таҳти роҳбарии академик Раззоқ Ғаффоров ва профессор Ғаффор Ҷӯраев дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон рисолаи номзадиашро дифоъ намуд. Чанд сол ба ҳайси мудири кафедраи забони тоҷикии донишгоҳи мазкур кор кард.

Соли 2002 аз рӯйи зарурат боз ба зодгоҳ – деҳаи Бурҷимулло баргашт. Ҳамон сол дар кафедраи «Таълим бо забони тоҷикӣ»-и Донишкадаи давлатии омӯзгории вилояти Тошканд, воқеъ дар шаҳри Ангрен, фаъолияти омӯзгориашро идома дод.

Ҷумҳурии мо, баъди дастёбӣ ба истиқлол, тасмим гирифт, ки мактабҳои таълими ҳамагонии миллиро ҳуд бо китобҳои дарсӣ таъмин намояд. Биноан, зарурати таълифи китобҳои дарсӣ ба миён омад. Малик Кабиров ба ин кори хайр саҳм гузошт. Ба таълифи китобҳои «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои 6, 9, 10 ва 11 камар баст. Барои мактабҳои олӣ ба навиштани китобҳои дарсии «Луғатшиносӣ» – «Лексикология» ва «Сарф» шурӯъ намуд. Рисолаи методии ӯ бо ҳаммуаллифии Баҳриддин Муҳиддинов – «Талаботи технологияи педагогӣ – тақозои давру замон» барои донишҷӯён ва омӯзгорони мактабҳои таълими ҳамагонӣ дастуруламали хубест. Дар таълифи китоби «Забони тоҷикӣ» саъй бинмуд, ки аз дастовардҳои имрӯзаи илми забоншиносии тоҷик сарфи назар нанамояд.

Халқ мақоле дорад, ки ин аст: «Аз пушти шолӣ курмак об хӯрдааст». Курмакҳое буданду ҳастанд, ки ба китобҳои дарсии таълифнамудаи ӯву дигарон ҳаммуаллиф будан мехоҳанд. Олим чӣ ҳам мегуфт, коргардон онҳо, ноилоҷ розӣ мешуд...

Малик Кабир дар баробари омӯзгор ва муҳаққиқи жарфбин будан, шоир ва нависандаи хуб низ ҳаст. Ӯ соли 2019 китоберо бо номи «Субҳи вафо» ба дасти чоп супурд, ки ғазалҳо, шеърҳои барои хурдсолон эҷодкарда ва мақолаҳои илмии ӯро дар бар гирифтаанд. Дар пешгуфтори китоб доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъа Ҳамроҳ, аз ҷумла нигоштааст: «Тадқиқоти забоншиносӣ, шеърҳо ва намунаҳои осори насрияш далели завқи баланди суханшиносии ӯ буда, мавқеи ҳунарӣ ва маънавияшро дар муҳити илмиву адабӣ мушаххас месозанд».

Ғазалҳои ӯ далели онанд, ки забоншиноси дақиқназар аз вазни арӯз, қофия, санъатҳои бадеӣ вуқуфияти комил дорад. Ҳар гоҳе симои ӯ пеши назар меояд, ёди уламои пешина мекунам, ки онон дар баробари таълифи осори илмӣ, бо шеъру табобат низ сарукор доштанд, ситорашинос буданд. Мисолан, Умари Хайём олим буд, шеър низ менавишт. Вале ҳамчун шоири рубоинавис шуҳрат пайдо кард.

Устод дар асл олими забоншинос аст, вале шеъру ҳикояҳои тамсилӣ низ менависад. Имрӯз олимони мисли ӯ, ба қавле серқирра, ангуштшуморанд. Баъзеҳо шеърро накд мекунанд, вале ҳуд аз пасту баланди он вуқуфи комил надоранд. Дар ғазалҳояш, кам бошанд ҳам, образҳои кӯҳна аз қабили «лаъли шакарҳой», «новаки мижгон», «наргиси хаммор», «бути озар», «чоки домани гул», «кони малоҳат» вомехӯранд. Вале дар онҳо вазн ва таносуби сухан риоя шудааст, ҳар вожа бори маънӣ мекашад. Шеърҳои барои хурдсолон навиштааш, дар баробари аҳамияти тарбиявӣ доштан, салису хушоҳанг сурат гирифтаанд. Шеъри «Ватанам»-и ӯ ин гуфтаро собит менамояд:

Зеби хубон ватанам,
Савти илҳон ватанам.
Макони гулу лола,
Боғу бӯстон ватанам...
Нуқлу наво фаровон,
Хони алвон ватанам...
Мазраи зархези ту,
Вирди забон ватанам.
Номат машҳури дунё –
Ӯзбекистон ватанам.

Бояд гуфт, ки шеъру ғазалҳои ӯ дар сатҳи шеъру ғазалҳои шоирони варзидаи ҳавза қарор доранд.

Мақолаҳои Малик Кабир «Қатраборон ё қатра борон», «Забон ва услуби як ғазали Шамсиддин Шоҳин», «Забон ва услуби тамсили «Аз мост, ки бар мост»-и Носири Хусрав», «Забон ва услуби як ғазали Камоли Хуҷандӣ», «Забон ва услуби як ғазали Лоиқ», «Мавриди истифодаи калимаҳои куҳна дар очерки адабию таъриҳии С. Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», «Муродифоти луғавии ҳаммаъно ва наздикмаъно дар романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода» ба сабки нигориши шоиру нависандагони мазкур ва коркарди вожаҳои ҳаммаъно ва бисёрмаъно бахшида шудааанд. Дар мақолаҳои ӯ ҳамчунин масъалаҳои имлои забони тоҷикӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Ӯ бар он аст, ки бояд ҳар як вожа бино ба табиати талаффузи забони форсии тоҷикӣ ба хонанда пешниҳод карда шавад...

Дар як ғазали олими забоншинос табиат, шиор ва маромномаи зиндагии инсоне шикастанафс ва қаноатпеша ифода ёфтааст:

Начӯям дасти ёрӣ,
гарчи дарвешам,
Бипарҳезам зи бори
миннати хешам.
Мазан санги маломат дар сари
хонам,
Дили хуш дорам аз моли
каму бешам.
На ҳар дасти сахо боли
саховат шуд,
Зи чини ҷабҳаи мумсик
биандешам.
Чу нокас кас нагардад бар
сари ҳиммат,
Зи дасти нокасон нолад дили
решам...

Ин сатрҳо аз зиндагӣ маншаъ гирифтаанд. Мани шеър ҳарчанд дарвеш аст, тобу тоқати кашидани бори миннати хешонро надорад. Бале, дороии моддӣ бо дороии маънавӣ намесозад.

Малик Кабиров имрӯз дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ ба ҳайси омӯзгор фаъолият дорад. Чанде қабл китоби нави ӯ бо номи «Меҳри Ватан» ба дасти хонандагон расид, ки ғазалҳо, шеърҳои ба хурдсолон бахшидашуда, достони «Рӯбоҳи айёр», рубоиву дубайтӣ ва мақолаҳои илмии тӯли солҳои охир таълифнамудаи ӯро дар бар гирифтааст.

Дар пешсухани китоб, ки ба қалами доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъа Ҳамроҳ ва шоир Хоҷа (Норхоҷа Чориев) мансуб аст, омадааст: »Забони навиштаҳои муаллиф салису равон ва фаҳмо буда, тавассути санъатҳои бадеӣ бо услуби хосса нигошта шудаанд. Масалҳо ва достони ӯ хусусияти тарбиявӣ дошта касро ба некӯкорӣ ҳидоят менамоянд... Шоир кӯшидаст манишу биниш, дониш ва ҷаҳоншиносии худро дар коргоҳи эҷодии шеър дар саҳифаи китоби сарнавишти ҳуд тарҳрезӣ намояд ва ба ин то ҷое муваффақ ҳам шудааст».

Шоир дар як шеъраш ба дунёи кӯдакӣ бармегардад ва ёд аз «Алла»-и модар мекунад, ки тоҷикӣ буд:

Шунидам «Алла»-и модар
паси гаҳвора тоҷикӣ,
Салиси ҳар каломи
«Алла»-аш ҳамвора тоҷикӣ.

Шояд муаллифи ин сатрҳо аз дигар шудани забони таълим дар мактаби зодгоҳаш, ки рӯзгоре дар он ҳуд ба забони тоҷикӣ таълим гирифтаасту дертар ба сифати омӯзгор ба насли ҷавон таълим додааст, дар шигифт аст. Зеро суоле ба миён меояд, ки оё ҳамдеҳагони ҷавони ӯ, ки дар мактаб ба забони модарӣ намехонанд, оянда аз шеърҳои ӯ баҳра бурда метавониста бошанд? Магар ин ҳолат барои ӯ фоҷеа нест?

Дар зодгоҳи инҷониб низ гурӯҳҳои тоҷикӣ дар ҳолати назъ қарор доранд. Бо мурури вақт гурӯҳу мактабҳои тоҷикӣ бо «хоҳиши падару модарон» пӯшида шаванд, оё нашрияҳои тоҷикӣ вучуд дошта метавонанд?...

Мавсуф барои хидматҳояш дар таълиму тарбияи насли наврас, омода кардани кадрҳои болаёқат бо нишонҳои сарисинагии «Аълочии маорифи Тоҷикистон», «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон» сарфароз гардонда шудааст.

Забоншинос, шоир ва нависанда Малик Кабиров, ба қавле, бе пушт-пушт по ба зинаи 80-уми умр гузоштаанд. Ба ин муносибат устодро самимона табрику таҳнияти мегӯем. Тандурусту хонаобод бошанд, килки табъашон ҳамеша сабз бод!

А. СУБҲОНОВ.

Дар Нуқус бахшида ба шарафи 80-солагии Муаллими халқии Қароқалпоқистон, мураббии шинохта Шорабек Мустафоев турнири кушоди ҷумҳурӣ аз рӯйи кураш барпо гардид.

Дар мусобиқа 35 нафар паҳлавонҳо аз шаҳр ва ноҳияҳои вилоятҳои Хоразм, Бухоро, Фарғона, Қашқадарё ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистон иштирок карданд.

Ғолибон аз ҷониби ҳомиён бо диплом, медал, туҳфаҳои қиматбаҳо ва мукофоти пулнок сарфароз гардиданд.

Дар сурат: *лавҳа аз мусобиқа.*

Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).

ДАР БОЙСУН СӮЗАНИИ КАЛОНТАРИН ДӮХТА МЕШАВАД

Дар Бойсун ба муносибати Фестивали байналхалқии «Баҳори Бойсун» аз тарафи ҳунармандони бойсунӣ дар дунё аз ҳама калонтарин сӯзанӣ, ки дарозиаш 31 метр ва бараш 5,2 метрро ташкил мекунад, дӯхта мешавад.

Сир нест, ки халқи мӯъҷизаофари Бойсун аз азал шефтаву шайдои санъату ҳунар мебошад. Маҳсули дастони ҳунармандонаш дили миллионҳо нафар шайдоёни санъати нафис, ҳунари волову нотакрорро тасхир кардааст. Натанҳо ҳунармандони моҳир, балки ҳама мардум нисбат ба санъату ҳунар дилгармии хосе доранд. Мисраъҳои шоир: «Дар ҳунар кӯш к-аз ҳунармандӣ, Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ»-ро гӯё ҳамагон шиори ҳуд қарор додааанд. Маҳз ба ҳамин хотир бо қарори ЮНЕСКО солиёни зиёдест, ки дар ин гӯшаи зебоманзари кишвараамон Фестивали фолклории «Баҳори Бойсун» бо як шукӯҳу шаҳомоти бузург таҷлил мегардад ва маҳсули дастони ҳунармандон ба маъраза тамошо гузошта мешавад. Ҳоло ба сифати тӯёна чеварони нақшинкори бойсунӣ бо роҳбарии дорандаи нишони сарисинагии «Фаъол тадбиркор» Малика Подшоева азм кардааанд, ки дар дунё аз ҳама калонтарин сӯзании пурҷозибаро дӯхта, дар ин бобат рекорд гузоранд. Ба ин кори нозук ва дар айни замон мушкил 100 нафар чеварони моҳиру беҳтарин ҷалб карда шудааанд. Дар айни замон дар матои алвонӣ мусаввирон нақшҳои мафтункору пурҷилоро мекашанд ва дӯзандагон калоба-риштаҳои хушсифатро рангубор мезананд.

Ёдовар мешавем, ки аз тарафи ҳунармандони сехрофарини бойсунӣ соли 2019 ба муносибати Фестивали байналхалқии «Бахшӣ» дар шаҳри Тирмиз дар дунё калонтарин сӯзанӣ, ки дарозиаш 25 метр ва бараш 6 метрро ташкил мекунад, дӯхта шуда буд. Пас ҳунармандони моҳири бойсунӣ талош доранд, ки рекорди худро нав созанд. Бешубҳа, азму талоши онҳо бор медиҳад ва эшон барои дили оламиёнро тасхир сохтан муваффақ мешаванд.

Олим ПАНҶИЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.

ВАРЗИШ – САФИРИ ДӮСТӢ

Солҳои ҳокимияти шӯроҳо шиори «Варзиш – сафири сулҳ» хеле маъмул буд. Ин шиор дар даромадгоҳи аксар деҳоти кӯҳпояи Нурато дар ҷойи ба ҳама намоёни нимаи кӯҳҳо ва ё теппагиҳо бо калонсангҳо навишта мешуд. Пас рӯйи сангҳо бо оҳакоб ва хокаи он сафед карда мешуд. Мегуфтанд, ки варзиш, одамонро ба ҳамдигар наздик ва ҳамдилии онҳоро таъмин мекунад. Ин ҳақиқати воқеӣ кунун хуб ба мушоҳида мерасад.

Имрӯз дар ҳама ҷо сухан аз футбол ва ғалабаи футболбозони дастаи миллии Тоҷикистон меравад, ки бори аввал дар мусобиқоти Ҷоми Осиё иштирок намуда, ба даври чорякфиналӣ баромаданд, як дастоварди хеле бузургу хурсандибахш аст. Бозии дастаи миллии Тоҷикистонро бо тими миллии Аморати Муттаҳидаи Араб дар Ӯзбекистон ва бевосита дар майдони бозӣ ҳазорҳо нафар мухлисон бо як ҳиссиёти баланд тамошо карданд. Мухлисони ӯзбекистонӣ бародарони тоҷики худро бо пирӯзии таъриҳсоз дар футболи тоҷик тариқи шабакаҳои интернет ва расонаҳои ахбори оммавӣ мубораку шодбошиҳои худро изҳор доштанд.

Бозии футбол бори дигар собит намуд, ки ӯзбекону тоҷикон бо якдигар ҳамнишину ҳамқисматанд. Ҳамдамиву ҳамдилӣ буд, ки дар варзишгоҳ низ даҳҳо нафар ӯзбекистониҳоро бо Парчами давлатии Тоҷикистон дидем. Онҳо ба тими миллии Тоҷикистон мухлисӣ мекарданд. Футбол рамзи иттиҳоду ваҳдат аст. Вожаи ваҳдат чун сулҳ, ростагорӣ, дӯстӣ, садоқат, ҳамдамӣ маънидод шудааст.

Бешубҳа, варзиш таҷассумгари дӯстии халқҳо будааст, ба вижа таҷассумгари дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек. Вақте ки футболбозони тоҷик ғолиб шуданд, мухлисони ӯзбекистонӣ аз ҳама бештар дастгирӣ карданд. Ҷавобан ба ин футболбози тоҷик Парчами давлатии Ӯзбекистонро низ дар майдон бардошт. Пирӯзии тими футболи Ӯзбекистонро мардуми Тоҷикистон низ гарм истиқбол гирифта, тариқи расонаҳои ахбори оммавӣ ва сомонаҳои интернет табрикоти хешро изҳор намуданд.

Варзиш муаррифгари миллату кишвар будааст. Футбол, ки бозии миллионҳо одамон мебошад, номи кишвару миллатро зуд ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунад. Далели боэътимоди ин нукта табрикоти бародарони эрониву Афғонистон, аврупоиёну дигар мардум мебошад.

Варзиш рамзи сулҳ, садоқату дӯстӣ ва ҳамдамиву ҳамдилӣ буд, ки 6 апрел аз ҷониби СММ «Рӯзи ҷаҳонии варзиш барои сулҳ ва тавсеа» номгузорӣ шудааст. Ин рӯз дар воқеъ оғозгари нахустин давраи Бозиҳои олимпии тобистонӣ дар соли 1896 бо мизбонии Юнон буд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-228.
Адади нашр 4290. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.